ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 37.034.6:008+373
ТКБ: 74.2+74.200.5+71
М – 65

**МИРЗОЗОДА АКРАМ РУСТАМ**

# ТАШАККУЛИ ҲИССИ ВАТАНДӮСТИИ НАСЛИ НАВРАС БО ИСТИФОДА АЗ ИМКОНОТИ ТАРБИЯВИИ МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГӢ-МАЪРИФАТӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)**

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикстон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Наврузова Гулшан** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Саодати Раҳмоналдӣ** - номзади илмҳои педагогӣ, саромузгори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳимояи диссертатсия санаи «19» июни соли 2026, соати 15:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 227 62 46; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (http://www.prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «18» майи соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Котибова Ш. П.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ чун анъана мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи Тоҷикистон ва роҳбарияти кишвар қарор дошта, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 43), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Консепсияи миллии тарбия ва як қатор барномаҳои тарбияи ватандӯстӣ) инъикос ёфтааст. Воқеан, дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди раванди ҳамгироии кишвар ба иқтисодиёту фарҳанги ҷаҳонӣ ва иттилоотикунонии босуръат рушдёбанда масъалаҳои ҳифзи ҳувияти миллӣ мубрам гардида, мазмуни нав гирифта, таваҷҷуҳи бештари мақомоти давлатӣ, ҷамъиятҳои педагогӣ, ҳаракатҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, инчунин аъзоёни калонсоли оилаҳои насли наврасро тақозо менамояд. Проблемаи ҳифзи соҳибихтиёрӣ, ҳисси ваҳдати миллӣ дар асоси дарки умумияти фарҳанг, забон, таърих имрӯз қариб дар тамоми кишварҳое, ки дар равандҳои ҷаҳонии ҳамгирой ва муттаҳидшавӣ, яъне раванди ҷаҳонишавӣ иштирок доранд, дар мадди аввал меистад. Тайи солҳои охир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани як қатор барномаҳои давлатӣ («Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони тоҷик барои солҳои 2023-2027», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон" ва ғайра) аз он шаҳодат медиҳанд, ки роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин мушкилот огоҳӣ доранд ва баҳри ҳалли он аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд.

Қобил ба зикр аст, ҳатто натиҷабахштарин барномаҳо бидуни ташкили хуби кор оид ба тарбияи ватандӯстии насли наврасу ҷавон дар маҳалҳо, асосан дар муҳити таълимии муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар соатҳои беруназсинфӣ, инчунин дар муҳити рушддиҳандаи муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ самараи дилхоҳ нахоҳанд дод. Вобаста бар ин, дар назди ҷомеаи илмию педагогӣ, хадамоти маҳаллии маориф вазифа гузошта шудааст, ки усулҳои муосири тарбияи ватандӯстӣ, фароҳам овардани муҳити тарбиявиро ба роҳ монда, дар он шароитҳои мувофиқи педагогие муҳайё намоянд, ки ба тарбия ва ташаккули сифатҳои ватандӯсти наврасону ҷавонон мусоидат намояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки муваффақияти фаъолияти педагогии ба ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ нигаронидашуда, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти мавқеи фаъоли ҳаётӣ ба омӯзгоре низ мусоидат мекунад, ки

на танҳо дорои салоҳияти зарурии касбӣ мебошад, балки мавқеи ташаккулёфтаи шаҳрвандӣ, эътиқоди шахсии ба ватандустӣ нигаронидашударо соҳиб буда, ба ташкили кори тарбияи ватандустӣ ғайрирасмӣ низ муносибат карда метавонад. Вале, тибқи як қатор таҳқиқотҳо на дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ раванди тарбияи ватандӯстӣ тавре ба роҳ монда шудааст, ки мақсадҳои муассисаи таълимӣ оид ба ташаккули ҳисси ватандӯстии хонандагон ва зарурати иштирок дар чорабиниҳои ватандӯстӣ ҳал карда шавад, чунончи: чорабиниҳо ба таври расмӣ гузаронида мешаванд, мазмуни онҳо мувофиқи талаботи ҷавонони муосир нав карда намешавад, ба ташкили онҳо худи ҷавонон, инчунин аъзоёни оилаи онҳо ва дигар шарикони имкондошта ҷалб карда намешаванд. Аксар вақт сабаби чунин рафтори ҳайати омӯзгорон дар набудани усулҳои муосири ташкили чунин чорабиниҳо, ба таври кифоя огоҳӣ надоштани онҳо аз моҳият ва аҳамияти чорабиниҳо оид ба тарбияи ватандӯстии наврасон, зарурати шомил намудани чорабиниҳои шаклҳои гуногун на танҳо дар доираи барномаҳои таълимӣ, балки ҳамчунон дар нақшаҳои чорабиниҳои беруназсинфӣ бо мақсади ташаккули муносибати эмотсионалии хонандагон нисбат ба маҷмуи афкору мафҳумҳое мешаванд, ки бо муҳаббати бошуурона ба Ватан ва омодагӣ барои ҳимояи манфиатҳои он алоқаманданд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҳангоми таҳияи кор мо ба таҳқиқоти муҳаққиқоне такя кардем, ки истифодаи усулҳои коркардаи онҳо имкон медиҳанд тарбияи ватандӯстӣ ҳам дар доираи рушди фанҳои таълимии бахши гуманитарӣ (Е. А. Абрамова [1], В.А. Романов [29], Х.А. Ҷӯраева [15], Х. Раззоқов [25] ва ғайра) ва ҳам дар раванди ҳамкориҳои педагогӣ дар машғулиятҳои беруназсинфӣ (Г.Х. Ахметшина [5], П.И. Селезнёв [32], Н. Табаров [34], А. Умаров [35], С.Ҳ. Рустамзода [30] ва ғайра) амалӣ карда шаванд. Баъзеи онҳо фаъолияти муносиби роҳбарони синфҳоро муҳимтарин хисоб кардаанд (Д. Латипов [19], Р.Э. Каримов [17] ва ғайра). Азбаски усули таъсири педагогӣ ба кӯдакони синну соли гуногун дар раванди тарбияи ватандӯстӣ хусусиятҳои худро дорад (вобаста ба марҳилаи мушаххаси инкишофи психофизиологӣ), мо омӯзиши нашрияҳоеро, ки дар онҳо усулҳои самараноки кор бо кӯдакони синну соли гуногун инъикос ёфтааст, муҳим шуморидем, аз ҷумла асарҳои О.В.Грашина [13], Т.В. Сафонова [31], С.Ҳ. Рустамзода [30], Х.С. Раззоқов [26] ва дигарон - усулҳои кор бо кӯдакони синни томактабӣ; И.М. Витковская [9], А.Э.Симановский [33], Е.В.Яковлева [42] - бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва миёна (дар сатҳи миёна); А.М. Мирзокаримзода [23],

О.Е.Чаленко [37], Р.Э. Каримов [18] ва ғ. - бо хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавсиф карданд.

Бо вуҷуди ин ҳама, мо ба миқдори кофӣ таҳқиқотҳои мукаммалро бахшида ба усулҳои тарбияи ватандустии ҷавонон пайдо карда натавонистем, агарчанде давраи синну соли психологии кӯдак аз тарафи Л.С. Виготский [10], И.С. Арон [3], Т.Н.Гушина [14] ва дигарон баррасӣ ёфта, дар асарҳои онҳо муфассал тавсиф гардидааст. Дар асарҳои онҳо нисбат ба он тағйиртҳое таъкид ба амал оварда шудаст, ки маъмулан бо истилоҳи «хуруҷ (ломка)» ва «буҳрон» тавсиф карда мешаванд, вақте ки фаъолияти таълимӣ дигар пешсаф буда наметавонад, дар ҷойи аввал моҳиятан муошират, дар навбати аввал бо ҳамсолон, ба таври назаррас бо калонсолон, ба вуҷуд омада, ҷойи муқаррароти дарки аксари падидаҳо ва арзишҳои иҷтимоиро гирифта, муҳимтарин равандҳои ташаккули симои мусбати «ман»-ро ҷорӣ менамояд (Д.Б. Элконин [40], Д.И. Фелдштейн [36]). Ба ибораи дигар гӯем, кӯдаке, ки ба синни наврасӣ ворид шудааст, ҷаҳонро барои худ аз нав кашф мекунад ва аз ин рӯ, ӯ бештар майл дорад дар шаклҳои гуногуни фаъолиятҳои муштараки дастаҷамъонае иштирок кунад, ки дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангию равшаннамоӣ таҳти роҳбарии устоди кордону бомаҳорате, ки пайваста дар пайи ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ дар хонандагон мебошад, амалӣ карда мешаванд.

Имрӯз дар ҷомеаи педагогӣ нуқтаи назаре ҳукмфармост, ки мувофиқи он самаранокии бештари раванди таълим дар сурати тағйир додани мавқеъи омӯзгор ва хонанда, дар ҳоле ки онҳо (тавассути ташкили ҳамкории педагогӣ) дар ташаккули хислатҳои шахсиятии одами ҷавон, субъектшавии ӯ ба хотири мураттаб сохтани мақсадҳои ҳаётӣ ва нишон додани фаъолияти бошуурона барои ба даст овардани ин мақсадҳо, шарикон ва иштирокчиёни баробарҳуқуқ мегарданд, ба даст оварда мешавад (Л. В. Байбородова [6], М. И. Рожков [28]).

Аз нуктаи назари илми педагогикаи муосир, бе такя ба субъективият, раванди ташаккули ватандӯстӣ ҳамчун сифати иҷтимоию ахлоқӣ мукаммал ва пурсамар намегардад.

Ташаккули сифатҳои инфиродии шахсияти кӯдакро бе воқеисозӣ тасаввур кардан мумкин нест, яъне раванди тафаккуре, ки дар давоми он ҳисси субъективияти предмет ба дарки он табдил меёбад. Дар раванди таълиму тарбия воқеисозӣ мавҷудияти симои устоде (педагоге)-ро дар назар дорад, ки аз рӯйи вазифаи (касби) худ андешаҳои худро дар бораи объект ба хонанда интиқол дода, бо аз нав дида баромадани симои

интиқолшуда, шахсияти ӯро ташаккул медиҳад.

Албатта, таъсири мутақобилаи субъекту субъект дар муҳити муайяни иҷтимоӣ ба амал омада, хусусияти дарки (аксуламали) шахси тарбияшавандаро (соҳиби маҷмуи хусусиятҳои психофизиологии ба синну сол мувофиқ) ва интихоби усулҳои ҷавоб ба рафтор ва вокунишро муайян мекунад (С.Е. Шивринская [39]). Аммо масъалаи он, ки кадом шароити педагогӣ барои раванди ҳамкории педагогӣ дар тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон зимни корҳои беруназсинфӣ дар муҳити рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ мусоид хоҳад буд, имрӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Таҳқиқи мавзуи таҳқиқот ба мо имкон дод, ки як қатор **ихтилофҳоро** дар равишҳои ташкили кор оид ба тарбияи ватандӯстии насли наврас дар корҳои беруназсинфӣ муайян кунем:

- аҳамияти таъмини пайдарпайӣ ва муттасилии раванди тарбияи ватандӯстӣ ва зарурати таваҷҷуҳ ба мутобиқати шаклу усулҳои ташкили ин раванд ба хусусиятҳои психофизиологии давраи хурди наврасӣ ва зимни интихоби технологияҳои педагогӣ ва фароҳам овардани шароити педагогӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда;
- рушди нерӯи тарбиявии муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва омодагии нокифояи омӯзгорон барои истифодаи равишҳои муосир, татбиқи усулҳои инноватсионӣ дар раванди ҳамкории педагогӣ, ки ба ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар байни наврасон нигаронида шудааст;
- дарки зарурати баланд бардоштани самаранокии раванди тарбияи ватандӯстӣ бо мақсади ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар насли наврас ва набудани таҳияи номгӯйи аз ҷиҳати назариявӣ асосноки шароитҳои педагогие, ки барои воқеисозии раванди тарбияи ватанпарастӣ мусоидат мекунанд.

Зиддиятҳои номбаршуда ва хулосаҳои дар ин асос баровардашуда имкон доданд проблемаи таҳқиқот муқаррар карда шавад, ки моҳияти он мавҷуд набудани тасаввуроти возеҳ роҷеъ ба шароитҳои педагогиест, ки барои воқеисозии бомуваффақияти раванди тарбияи ватандустии насли наврас дар шароити инкишофи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ заруранд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 дар мавзуи “Роҳу усулҳои

ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии хонандагон дар заминаи мероси маънавии халқи тоҷик” ва талаботи асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон", Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** тасдиқи озмоишии мутобиқати шароитҳои педагогии аз ҷиҳати назариявӣ асосёфта, ки барои воқеисозии бомуваффақияти раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ заруранд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот оид ба моҳият ва хусусиятҳои раванди воқеисозии ҷараёни ҳамкории педагогӣ дар самти ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар наврасон берун аз таълим.

2. Муайян намудани хусусиятҳои муҳити таълимии муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, амиқ кардани шаклҳои истифодаи неруи онҳо дар раванди тарбияи ватандӯстии наврасон.

3. Пешниҳод намудани амсилаи педагогии муаллифии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас берун аз таълим дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ.

4. Пешниҳод намудани номгӯйи шароитҳои асосии педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва ба таври озмоишӣ санҷидани онҳо дар рафти озмоиши педагогӣ.

**Объекти таҳқиқот** – раванди баланд бардоштани самаранокии тарбияи ватандӯстии насли наврас дар ҷараёни корҳои беруназсинфӣ.

**Мавзуи таҳқиқот -** шароитҳои педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ.

**Фарзияи илмии таҳқиқот:** воқеисозии бомуваффақияти раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас берун аз дарс дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ дар раванди ҳамкории педагогӣ дар шароитҳои мувофиқи иҷтимоӣ дар доираи татбиқи як қатор шартҳои педагогии зерин амалӣ мегардад:

- ҷалби фаъоли наврасон ба фаъолиятҳои самти ватандӯстидошта,

махсусан ба вазифаҳои асосии ташкилӣ, ки додани аксари ваколатҳо ва муайян кардани дараҷаи масъулият барои ба даст овардани муваффақият, инчунин талабот ба ҷалби ҳадди аксари шарикони иҷтимоиро дар ташкили чорабиниҳо дар назар дорад;

- ҷалби наврасон ба фаъолияти осорхонаи мактабӣ, осорхонаҳои муассисаҳои гуногун ва махсусгардонӣ бо мақсади ҷалби онҳо ба мавзуи ҳувияти миллӣ, таҳкими робитаи бошуурона бо зодгоҳи худ, ташаккул додани ҳисси иштирок ва масъулият барои ҳифзи таъриху маданияти чандинасра;

- васеъ намудани доираи шаклҳои (асосан интерактивии) ҷалби насли наврас бо анъана ва расму оинҳои мардумӣ, амиқтар намудани дарки онҳо аз соҳаҳои гуногуни ҳунари мардумӣ ва санъати классикӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги ҷаҳонӣ ва мояи ифтихори миллӣ;

- ба равандҳои ҳамкории ҳама субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ ворид намудани чунин шаклҳои муошират, ки мавҷудияти шароитҳоро барои гирифтани фикру мулоҳизаҳо бо мақсади ворид намудани ислоҳ (дар ҳолати зарурӣ) ба раванди таълим дар асоси таҳлилу инъикоси натиҷаҳои он (аз ҷумла фосилавӣ) пешбинӣ менамояд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Тамоми ҷараёни омодагӣ ва таҳияи таҳқиқоти мазкурро метавон ба се марҳила тақсим кард.

**Марҳилаи якум** ба ҷамъоварии маълумот дар бораи коркарди мавзуъ, адабиёти илмӣ ва диссертатсияҳои муаллифони муосир, ҷустуҷӯйи маълумот дар бораи вазъи воқеии корҳои тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таълимӣ вобаста ба ташаккули хусусиятҳои шахсиятии муҳассилин, таҳқиқи татбиқи амалии равишу усулҳо, методҳо ва шаклҳои фаъолияти мазкур, арзёбии самаранокии он бахшида шуда, дар асоси ин маълумот ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада мантиқ ва сохтори таҳқиқоти илмии мазкур тартиб дода шуд. Инчунин дар марҳилаи аввали таҷриба ташхис гузаронида шуд, ки он имкон дод дараҷаи асосии ташаккули ҷузъи асосии ватандӯстӣ (маърифатӣ, эмотсионалӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ) дар наврасони шомили гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ арзёбӣ карда шавад. Илова бар ин, дар марҳилаи муқарраркунанда бо омӯзгороне, ки ба сифати ташкилкунандагони омӯзиш интихоб шуда буданд, дар мавзуи «Воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар соатҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ» омӯзиш гузаронида шуд.

**Марҳилаи дуюм** ба санҷиши самаранокии амсилаи педагогии таҳияшуда бо роҳи ворид намудани тағйироту навовариҳо дар раванди

педагогӣ бо мақсади тафтиши мувофиқати шартҳои педагогии пешниҳодшуда, ки барои баланд бардоштани самараи воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар соатҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои фарҳангию равшаннамоӣ таъин гардидаанд, бахшида шудааст.

**Марҳилаи сеюм** гузаронидани озмоиши назоратӣ, ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои дар рафти татбиқи он ба даст оварда шуда, сатҳҳои ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар насли наврасу ҷавон, арзёбии самаранокии амсилаи педагогии ба татбиқи шароитҳои педагогии пешниҳодшударо, ки ба баланд бардоштани самараи воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар машғулиятҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ равона гардидаанд, дар бар мегирад. Инчунин дар марҳилаи сеюм эътимоднокии маълумоти гирифташуда арзёбӣ гардида, хулосаҳои асосӣ тартиб дода шуда, дурнамои самтҳои кори минбаъда муайян гардида, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия мувофиқи талаботи меъёрӣ тартиб дода шуданд.

**Асоси методологии таҳқиқотро муқарароти зерин ташкил мекунанд:**

- равиши фаъолияти мунтазам, ки ба ғояи таълим ҳамчун раванди ҳамкории омӯзгор ва хонанда такя намуда, ба хусусиятҳо ва ниёзҳои инфиродии хонанда асос ёфта, иштироки ӯро дар раванди таълим фаъол мегардонад. Натиҷаи истифодаи ин равиш дар насли наврасу ҷавон ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, ангезаи ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ мебошад, ки саъйу кӯшиши онҳоро барои иҷрои вазифаи шаҳрвандии (ватандӯстии) худ дар назди Ватан пешбинӣ мекунад (А. Г. Асмолов [4], Л. С. Виготский [10], А.Н. Леонтев [20], Д.Б.Элконин [40], А.Н.Виршиков [11], В.В.Гладких [12] ва ғайра;

- равиши аксиологӣ, ки дарки бахши ғояҳо ва мафҳумҳои марбут ба ватандӯстӣ ҳамчун асоси арзишҳои бунёдии шаҳрванди муосир ва ватандӯстро дар бар мегирад;

- равиши экзистенсиалӣ - ба омӯзиши субъективии шахсе асос ёфтааст, ки бошуурона барои худшиносӣ дар фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятдошта тавассути ифшои иқтидори эҷодии шахсии худ саъйу кӯшиш намуда, қобилияти инъикоси худшиносӣ ва такмили ихтисос дорад.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** таҳқиқоти назариячиёни намоёни илми педагогикаи давраҳои шӯравӣ ва пасошӯравии зерин ташкил медиҳад:

- Л.С.Виготский ва пайрави ӯ Л.И.Божович, муаллифи консепсияи аслии шахсият [10]; Б.А.Ананев ва шогирди ӯ А.А.Бодалев, ки дар

коркардҳои соҳаи даврабандии синну соли даврии ҳаёти инсон иштирок доштанд; В.В.Белкина, ки хусусиятҳои психофизиологии давраи наврасиро омӯхтааст [7]; гурӯҳи олимон бо сардории Д.Б.Элконин ва В.В.Давидов [40], ки хусусиятҳои давраи наврасии таълими мактабро омӯхтаанд ва ғайра;

- Л.П.Буева, ки хусусиятҳои муошират ва мутобиқшавии иҷтимоиро дар давраи наврасӣ омӯхтааст; А.В.Петровский, ки динамикаи инкишофи гурӯҳҳои иҷтимоиро тавсиф кардааст; муҳаққиқи бонуфузи назарияи шахсият ва психологияи рушд И. С. Кон; А.В.Мудрик, ки хусусиятҳои муносибатҳои байнишахсиро дар давраи аввали ҷавонӣ таҳқиқ кардааст, инчунин Е.Н.Шиянов ва дигарон;

- Л. В. Байбородова, В. В. Белкина [6], [7], М. И. Рожков [28], ки болотар ёдрас гардида буданд ва коркардҳои онҳо, ки асоси раванди муосири инсонпарварии таълимро ташкил дода, ба самти фардияти таълимгирандагон равона гардидааст, инчунин Т. Н. Сапожникова, ки проблемаи ҳамгироии педагогии худмуайянкунии ҳаёти наврасонро таҳқиқ намудааст; И.Г.Харисова, ки нишондиҳандаҳои муҳити бехатар ва бароҳати рушди наврасонро омӯхтааст ва ғайра;

- Н.В.Адаева, С.Н. Богатирева, В. И. Лутовинов, ки ҷанбаҳои гуногуни назарияи тарбияи ватандӯстии ҷавонони синну соли гуногунро таҳия намудаанд [2], [8], [21], муаллифи китоби дарсӣ оид ба тарбияи ватандустии мактаббачагон В.Е. Мусина [24]; И.Е.Кузмина, ки самтҳои арзишӣ дар соҳаи шуури ватандӯстии мактаббачагонро таҳқиқ кардааст; З.И.Валиева, инчунин Т.В.Сафонова, А.Е.Симановский ва дигарон, ки тарбияи ватандӯстиро омили пойдории субот дар минтақахои сермиллат мепиндоранд [31], [33];

- Г.Ф.Биктагирова, ки хусусиятҳои дарки анъанаҳоро аз ҷониби наврасони муосир тавсиф кардааст; В.С. Катрич, ки ҷанбаҳои илмию педагогии истифодаи анъанаҳоро дар тарбияи ватандӯстӣ омӯхтааст; О.В.Волкова, ки масъалаҳои ҳамкории оила ва мактабро дар самти тарбияи ватандӯстӣ омӯхтааст; П.В.Летуновский, ки тадқиқи таҳаввули муассисаҳоеро, ки ба тарбияи ҳарбию ватандӯстии ҷавонон ва дигарон нигаронида шуда буданд, баррасӣ намудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот.** Сарчашмаҳои таҳқиқотро инҳо ташкил доданд:

1) Осори бунёдии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ: Д. Б. Эльконин, Д. И. Фелдштейн, Н.В.Адаева, С.Н. Богатирева, В. И. Лутовинов, Т.В.Сафонова, А.Е.Симановский, Д.А.Сироткин, О.В. Волкова, П.В.Летуновский, В.С. Катрич, М. А. Орифӣ, И. О. Обидов, Х.С.

Афзалов, Х. Раҳимзода, Б. Раҳимов, А.П. Паҳлавонов, М. Лутфуллозода, Қ.Б. Қодиров, Х.Х. Тиллошев, З. Раҷабов, Б. Маҷидова, Д. Латифов, М. Юлдошева, Н. Табаров ва дигарон [36], [2], [8], [21], [31], [33], [27], [22], [19], [41], [34].

2) Қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияву стратегия ва барномаҳои давлатӣ, санаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва ғ.

**Заминаҳои эмперикии таҳқиқот.** Усулҳои таҳқиқоти эиперикии ҳангоми таҳияи диссертатсия истифодашударо метавон шартан ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард:

- *назариявӣ,* дар байни онҳо, пеш аз ҳама, таҳқиқи як миқдори зиёди осоре, ки натиҷаҳои таҳқиқотро дар соҳаи психофизиологияи рушд, даврабандии ташаккули ақидаҳои шахс дар бораи худ, хусусиятҳои истифодаи дастовардҳои соҳаҳои илмҳои ба ҳам алоқаманд дар педагогика, инчунин татбиқи технологияҳои баҳодиҳии навъҳои гуногун ва хусусиятҳои тафсири онҳо дар робита ба мавзуи таҳқиқоти мазкурро тавсиф мекунанд, қайд кардан ба маврид аст;

- *эмпирикӣ,* ки омӯзиши таҷрибаи истифодаи технологияҳои педагогии дахлдори дар адабиёт тавсифшуда, инчунин дар амалия (дар доираи татбиқи амсилаи педагогӣ), татбиқи усулҳои умумӣ ва усулҳои санҷидашудаи ташхис ва арзёбии пешрафт ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба ташаккули ҷузъи асосии ватандӯстӣ дар насли наврасро пешнибнӣ менамояд;

- *оморӣ,* ки бо ёрии он эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот санҷида мешавад.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии МТМУ №45, мактаби бачагонаи санъат ба номи Файзулло Шарипов ноиҳяи Ёвон, МТМУ №50, №98, №99, Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқӣ ҷумҳуриявии ба номи Зиёдулло Шаҳидии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва МТМУ №7-и ба номи А. Навоии шаҳри Турсунзода ба ҳайси пойгаҳи таҳқиқот барои татбиқи амсилаи педагогии таҳиякардаи мо ва гузаронидани озмоиши педагогӣ гузаронида шуданд. Наврасон (хонандагони синфҳои 5-6) ба гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ тақсим карда шуда, 4 нафар омӯзгорони МТМУ №50, №98, №99, Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқӣ ҷумҳуриявии ба номи Зиёдулло Шаҳидии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, 4 нафар омӯзгорони МТМУ №45., мактаби бачагонаи санъат ба номи Файзулло Шарипов ноҳияи Ёвон ва 5 нафар омӯзгорони МТМУ №7-и ба номи А.

Навоии шаҳри Турсунзода ба ҳайси ташкилотчӣ интихоб ва омӯзонида шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

1. Дар рафти таҳқиқот *кӯшиш карда шуд*, ки моҳияти падидаи воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон ҳамчун ҳамкории педагогии мураббӣ (педагог) ва шогирди ӯ ошкор гардад. Дар ин раванд омӯзгор ба хонанда низоми арзишҳои шахсии худро ба арзишҳои асосии шахсии бахши ғояҳо ва мафҳумҳои моҳияти ватандӯстидошта интиқол медиҳад ва хонандагон бошанд, арзишҳои мазкурро баҳо дода, дарк намуда, муносибати шахсии худро ба ин арзишҳо ташаккул медиҳанд ва ин ба ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ, ки асоси онро муҳаббат ба Ватан, дарки волоияти таърихи он, пайдо шудани зарурат ба амалҳои дорои хусусиятҳои ватанпарварӣ, афзал донистани манфиатҳои ҷамъиятӣ аз манфиатҳои шахсӣ ташкил мекунанд, боис мегардад.

2. Дар тарбияи ватандӯстии насли наврас неруи тарбиявӣ, таълимӣ ва рушддиҳандаи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ *ошкор гардида*, дар муҳити муассисаҳои фарҳангӣ *мазмуни нав касб менамояд ва* ба омӯзгор имкон медиҳад, ки барои ҷалби хонандагон ба амалҳои ватандӯстӣ шаклу усулҳои инноватсиониро истифода барад, ин фаъолиятҳоро тавре ба роҳ монад, ки насли наврасу ҷавон бо иҷрои нақшҳои асосӣ (бо назардошти хусусиятҳои психофизиологии синусоли наврасӣ) дар раванди ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ва рӯйдодҳо барои худтатбиқкунӣ ва худшиносӣ имконият пайдо кунанд. Иштирок дар чунин чорабиниҳо имкон медиҳад, ки мактаббачагон ба фаъолияти минбаъда ҳавасманд карда шаванд ва дар ҷараёни он ҳам ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ ва ҳам зарурати худшиносии минбаъда тавассути ҷалби лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ бомуваффақият ташаккул меёбанд.

3. Амсилаи муаллифии педагогии тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ *коркард шуда,* он аз ҷузъҳое иборат мебошад, ки ба мақсад ва вазифаҳои озмоиши педагогӣ мувофиқат мекунанд ва инчунин имкон медиҳанд натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ ба таври эътимодбахш дар асоси меъёрҳои муайяни илмӣ арзёбӣ карда шаванд.

4. Ҳаҷми зиёди шароитҳои педагогии дар адабиёти махсус тавсифшуда *муайян карда шуда, мавриди таҳқиқ ва санҷиш қарор дода шуданд* ва он шароитҳое барои татбиқ интихоб гардиданд, ки ба самаранокии бештари воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ мусоидат мекунад. Ташаббус ва

ташкили шарикии иҷтимоию педагогиро бо намояндагони мақомот, коллективҳои меҳнатӣ, иттиҳодияю ҳаракатхои ҷамъиятӣ, инчунин бо аъзоёни оилаи хонандагони муассисаи таълимӣ; ҳамкорӣ бо осорхонаҳое, ки дар минтақа фаъолият мекунанд, бо истифода аз иқтидори онҳо (дар баробари имкониятҳои осорхонаи мактабӣ) ҳамчун муҳити рушд, ки шароити он ба мазмун ва пурзӯр намудани корҳо ҷиҳати ба ҷаҳони анъанаҳои мардумӣ шомил намудани наврасон ва расму оинҳо мусоидат мекунанд; фароҳам овардани шароит барои фаъол гардонидани ҷузъи худбаҳодиҳӣ-таҳлилии раванди ҳамкории педагогии субъектҳои тарбияи ватандӯстиро шарти муҳимтарин мешуморем.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Воқеисозӣ ҷузъи таркибӣ ва шарти асосии раванди ташаккули шахсияти наврасон буда, бо таъсири шахсияти омӯзгор, ки дар бораи маҷмуи ғояҳо, мафҳумҳо ва истилоҳоти марбут ба ватандӯстӣ ҳамчун арзиши миллӣ ба шогирд ақидаҳои худро расонида, тавассути дарк ва азхудкунии иттилооти дар сатҳи маърифатӣ ва эҳсосӣ гирифтаи наврасон ба вуҷуд меояд. Муваффақияти воқеисозиро татбиқи маҷмуи шароитҳои педагогӣ, ки боиси ташаккули муҳити рушди таълимӣ тавассути ҷалб ба фаъолиятҳо мегарданд, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, ба миён омадани талабот ба ташаккули мавқеъи шаҳрвандӣ ва зарурат ба худамаликунӣ ҳамчун шаҳрванд ва ватандӯсти кишвари худ, ҳам дар худи наврас ва ҳам дар ҳамиштирокчиён - шарикони ҳамкории педагогии иҷтимоӣ, инчунин истифода аз неруи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ таъмин менамояд.

2. Воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврасу ҷавон дар муҳити инкишофи муассисаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ дар шакли ҳамкории субъекту субъектии омӯзгоре амалӣ мегардад, ки ба фаъолияти наврасон ва хонандагоне, ки дар марҳилаи ташаккулёбии «симои Ман» қарор доранд, ба рафти ташаккули муносибати арзишманд ба ҷузъҳои ватандӯстӣ, ки ҳамчун аксуламали инфиродӣ ба таъсири педагогӣ ба вуҷуд меояд, роҳнамоӣ мекунад. Нақши асосӣ доштани наврасону ҷавонон дар ташкили чорабиниҳои ватандӯстӣ таъсири воқеисозиро зиёд намуда, ба пайдоиши зарурати ҷустуҷӯйи мустақилонаи иттилоот, васеъ намудани доираи ҷаҳонбинии онҳо ва фаро гирифтани мавзуъҳои ватандӯстии марбут ба омӯзиши гузаштаи пуршарафи Ватани худ, ҳолномаи шахсиятҳои таърихӣ, майлу хохиши бошуурона ба манфиати он хизмат кардан мусоидат менамояд.

3. Неруи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ҳамчун фазои таҳсилотиривоҷёбанда аз ҷиҳати мусоидат ба воқеисозии раванди

тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути огоҳӣ ва муайян намудани уфуқҳои берунӣ ва ботинии он ошкор мегардад. Ҳамчун доираи беруна мо мақсад ва ҷолибияти муассисаҳои фарҳангию маърифатиро барои ташкили чорабиниҳои гуногуни ватандӯстӣ дарк мекунем, ки дар доираи онҳо наврасону ҷавонон таҳти роҳбарии омӯзгорон фазои эҷодкорӣ ва зуҳуроти қобилияти ташкилотчигӣ пайдо мекунанд. Ҳамчун доираи дохилӣ раванди тағирёбии шахсияти наврасон фаҳмида мешавад, ки дар ҷараёни ин фаъолият, тавассути пайдоиши муносибати эмотсионалӣ ба рӯйдодҳо, ташаккули эҳтиёҷот ба худамалисозӣ тавассути таҳлилкунӣ ва дарки бошууронаи иштирок дар шаклҳои гуногуни фаъолияти шаҳрвандӣ ва ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд.

4. Амсилаи педагогии пешниҳодшудаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ аз якчанд унсурҳои консептуалӣ - бахшҳои сохтории муҳтавоӣ иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо ба ҳалли як доираи мушаххаси масъалаҳо нигаронида шудааст. Чунончи, бахши консептуалӣ (маъноӣ) сохтори амсила, маҷмуъ ва усулҳои таъсири мутақобилаи унсурҳои онро, ки барои ноил шудан ба ҳадаф муҳиманд, ташкил медиҳад (бинобар ин онро баъзан бахши консептуалии мақсаднок меноманд). Дар асоси ҳадафи гузошташуда - воқеисозии бомуваффақияти раванди тарбияи ватандӯстии насли наврасу ҷавон - равишҳои асосӣ (фаъолияти мунтазам, аксиологӣ) ва усулҳои татбиқи онҳо дар ҳамкории педагогӣ, ки ба ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ нигаронида шудаанд, муайян гардид. Бахши ташкилию муҳтавоӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ ва идеяҳо дар бораи ченакҳои зарурии ҳамкории субъекту субъектҳо дар раванди азхудкунии донишҳои нав ва ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар байни наврасон дар муҳити рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, ки дар он ҷо амалӣ намудани маҷмуи шартҳои тавсияшудаи педагогӣ имконпазир аст, шакл мегирад. Мазмуни бахши меъёрӣ-натиҷавӣ (ё арзёбӣ-ташхисӣ) бо маҷмуи нишондиҳандаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфта муайян карда шуда, имкон медиҳанд сатҳи ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ (маърифатӣ, эҳсосотиву ангезавӣ, фаъолиятӣ) дар насли наврас бо дараҷаи баланди эътимод баҳо дода шаванд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** иборат аст аз:

- омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти ақидаҳое, ки дар таҳқиқоти пешин оид ба татбиқи мафҳуми «воқеисозӣ» дар илм ва амалияи педагогӣ оварда шудаанд;

- назари муаллиф оид ба татбиқи воқеисозӣ дар рафти тарбияи ватандӯстии асли наврасу ҷавон дар давраи машғулиятҳои берун аз синфӣ дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ нишон дода шудааст;

- барои баланд бардоштани самаранокии тарбияи ватандӯстии наврасон, ташаккули муносибати арзишманди онҳо ба ғояҳо, мафҳумҳо ва равандҳои сохтори ватандӯстӣ дохилшаванда иқтидори муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ҳамчун муҳити рушдбандаи таълимӣ барои татбиқи самараноки ҳамкории педагогӣ ошкор карда шудааст;

- зарурати ҷорӣ намудани усулҳо ва шаклҳои инноватсионии тарбияи ватандӯстии насли наврас бо такя ба афзалиятҳои истифодаи маҷмуии равишҳои муосир (фаъолияти системавӣ ва аксиологӣ) дар ташаккули барномаи баланд бардоштани фаъолияти ватандӯстии муассисаи таълимӣ дар вақти корҳои беруназсинфӣ (аз ҷумла дар фазои муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ) асоснок карда шудааст;

- асоснокии назариявии истифодаи як қатор технологияҳои педагогӣ ва татбиқи шароитҳои алоҳидаи педагогӣ, ки дар шакли амсилаи педагогии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ пешкаш гардидааст, пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки дар амалияи педагогӣ истифода бурдани таҳияҳои муаллифӣ вобаста ба усулҳои пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии баланд бардоштани самаранокии воқеисозии раванди тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ имконпазир мебошад. Дар раванди исбот намудани дурустии фарзияи таҳқиқот мо корҳои зеринро анҷом додем:

– гунаҳои барномаи чорабиниҳои муштарак бо муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ (вобаста ба хусусият ва самти фаъолияти онҳо), коркардҳои мушаххаси методӣ ва тавсифи муфассали шаклҳои фаъолияти муштарак, ки ба баланд бардоштани самаранокии таъсири педагогӣ дар раванди тарбияи ватандустии насли наврас мусоидат мекунанд, пешниҳод карда шудааст;

– барномаи омодасозии омӯзгорон ва тарбиягарони мактабҳо - «Воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ» интихоб карда шуд, ки ба мақсад ва вазифаҳои озмоиши педагогӣ мувофиқат мекунад;

– воситаҳои муносиби меъёрӣ-баҳодиҳӣ муқаррар карда шудаанд, ки истифодаи онҳо дар марҳилаҳои муайянкунӣ ва назоратии озмоиши педагогӣ имкон медиҳад динамикаи ташаккули сатҳҳои асосии

ватандӯстӣ дар наврасон, ки барои иштирок дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ интихоб шудаанд, арзёбӣ карда шавад;

– маҷмуи ғояҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти ташхисии иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ ташаккул ёфтаанд, пешниҳод карда шуданд, ки дар оянда дар раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар доираи ҳамкориҳои иҷтимоию педагогӣ амалӣ карда мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии хулосаҳои таҳиякардаи мо бо сарчашмаҳои назариявии омӯхташуда, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва барномаҳои давлатӣ, дарк ва истифодаи натиҷаҳои фаъолияти омӯзгорони озмоишгузаронида, инчунин риояи қатъии тавсияҳои илмию методӣ оид ба ташкили корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳам дар ҷараёни эҷод ва ҳам дар ҷараёни татбиқи амсилаи педагогии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар вақти корҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ тасдиқи худро пайдо намуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**: Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла, – *банди 1.* Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; – *банди 2.* Амсиласозии равандҳои иҷтимоӣ-педагоӣ дар муассисаҳои таълимӣ; – *банди 4.* Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ); – *банди 5.* - Меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф аз он иборат буд, ки ӯ мустақилона дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои назариявӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян намуда, амсилаи педагогии раванди тарбияи ватандӯстии наврасонро дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ таҳия кардааст; технологияҳои педагогӣ ва шароитҳои педагогиро, ки барои ноил шудан ба самараи татбиқи ин амсила дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунанд, интихоб намудааст; интихоби воситаҳои баҳодиҳӣ ва меъёрҳои мониторинги тағирёбии сатҳи ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар наврасонро ҳангоми озмоиши педагогӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардааст; маълумотҳоеро, ки дар марҳилаҳои муқарраркунанда ва назоратии озмоиш ба даст оварда шудаанд, коркард намуда, ҷамъбаст, таҳлил ва шарҳ додааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалии хонандагони синфҳои 5-6-уми дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии МТМУ №45, мактаби бачагонаи санъат ба номи Файзулло Шарипов ноиҳяи Ёвон, МТМУ №50, №98, №99, Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқӣ ҷумҳуриявии ба номи Зиёдулло Шаҳидии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва МТМУ №7-и ба номи А. Навоии шаҳри Турсунзода ба ҳайси пойгаҳи таҳқиқот барои татбиқи амсилаи педагогии таҳиякардаи мо ва гузаронидани озмоиши педагогӣ гузаронида шуданд. Наврасон (хонандагони синфҳои 5-6) ба гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ тақсим карда шуда, 4 нафар омӯзгорони МТМУ №50, №98, №99, Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқӣ ҷумҳуриявии ба номи Зиёдулло Шаҳидии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, 4 нафар омӯзгорони МТМУ №45., мактаби бачагонаи санъат ба номи Файзулло Шарипов ноҳияи Ёвон ва 5 нафар омӯзгорони МТМУ №7-и ба номи А. Навоии шаҳри Турсунзода мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шуданд. Ҳамзамон, дар ин муассисаҳо амсилаи таҳиянамудаи мо дойир ба самаранок ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити муосир мавриди тасвиб ва озмоиш қарор дода шуда, натиҷаи он дар диссертатсия ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ҷаласаву семинарҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А. А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дар конфронсҳои илмӣ, ки дар он муаллифи диссертатсия бо маърӯза баромад кардааст, пешниҳод ва баррасӣ шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 номгӯй интишороти илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 номгӯй мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ 2 номгӯйи илмӣ оммавӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мантиқи таҳқиқот мувофиқат намуда, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 195 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳанд, иборат буда, 8 расму диаграмма ва 11 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Феҳристи адабиёт фарогири 178 номгӯй мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мулоҳизаҳои назариявӣ оварда шуда, дар асоси онҳо муаллиф ба хулосае омадааст, ки ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар шароити муосир ва тағйир додани равишҳо ҳам дар мазмуну мундариҷаи он ва ҳам интихоби меъёрҳои баҳодиҳии рушди эҳсоси ватандӯстӣ дар насли наврас таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шавад. Дар асоси ин хулосаҳо ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогҳое, ки шаклу усулҳои инноватсионии тарбияи ватандӯстиро дар фазои рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ амалӣ менамоянд, фарзияи таҳқиқотии илмӣ таҳия ва барои ҳимоя пешниҳод карда шуд. Дар муқаддима инчунин аз рӯйи анъана номгӯи равишҳое оварда шудааст, ки мазмун ва сохтори амсилаи педагогиро барои воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстӣ берун аз соатҳои дарсӣ муайян мекунанд; дар бораи навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот тахминҳо ба миён гузошта шуданд; интихоби меъёрҳои баҳодиҳии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ва усулҳои санҷиши эътимоднокии онҳо асоснок карда шудааст.

**Дар боби якум - «Асосҳои назарияии тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ»** - натиҷаи таҳлили таҳқиқотҳое оварда шудаанд, ки дар онҳо рушди муносибати ватандӯстӣ ҳамчун ҳиссиёти иҷтимоӣ, арзиши шахсӣ нишон дода шуда, тағйири парадигмаҳоро дар робита ба зарурати густариши раванди тарбияи ватандӯстӣ на танҳо дар барномаи таълимӣ, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои гуногун ба хусусиятҳои ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ диққат дода мешавад, балки дар соатҳои беруназсинфӣ низ, ки имконияти истифодаи миқдори зиёди шаклҳои гуногуни ҳамкории педагогӣ, баланд бардоштани самаранокии воқеисозӣ, бо назардошти татбиқи шароитҳои педагогии мувофиқро (аз ҷумла, онҳое, ки муаллифи ин асар тавсия додааст) фароҳам меоранд, пешниҳод менамоянд. Инчунин, натиҷаҳои умумии таҳқиқоти равоншиносони пешқадам низ оварда шудаанд, ки онҳо дар як вақт хусусияти психофизиологии наврасро омӯхта, барои равишҳои даврабандии он бо назардошти таҳия ва рушди минбаъдаи муқаррароти бунёдӣ дар робита бо хусусиятҳои иҷтимоию сиёсии шароитҳое, ки дар он шахсияти насли наврас ташаккул меёбад, асос гузоштаанд. Ба тавзеҳ, татбиқ ва мавқеи мафҳуми «воқеисозӣ» дар амалияи муосири педагогӣ, ки самаранокии воқеисозиии раванди тарбияи ватандӯстии ҷавонону наврасонро дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ баланд мебардорад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Табдил додани тарбияи ватандӯстӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки ба сифати ҷараён бо назардошти хусусиятҳои синну соли категорияҳои гуногуни мактаббачагон аҳамияти ҳаматарафа дода шавад. Дар самти кор бо наврасон ба вижагиҳои ин давари ташаккули шахсият, ки барои он интиқоли таваҷҷуҳ аз хешовандни калонсол ба ҳамсолон ҳам ба хотири дарёфти шаклҳои рафтор ва ҳам ба хотири иҷтимоишавии бомуваффақият хос аст, такя карда мешавад. Тавре Л.С.Виготский, В.В.Давидов [10] ва муҳаққиқони муосир Н.А. Иванова, В.В.Белкина [16], [7] ва дигарон иддао доранд, давраи наврасӣ аз рӯйи хусусиятҳои хоси ташаккули психика барои таъсири педагогӣ, ки ба ташаккули ҳисси ватандӯстӣ нигаронида шудааст, мусоид мебошад. Вале пажӯҳишҳои педагогону равоншиносони муосир собит мекунанд, ки аз нигоҳи равишҳои муосири инсонпарварӣ дар самти тарбияи умумӣ ва бахусус тарбияи ватандӯстӣ ба усули барпо кардани муносибатҳои байни омӯзгор ва таълимгирандагон ба манфиати ҳамкориҳои мутақобилаи педагогӣ, ки дар он мураббӣ ва тарбиятгиранда (устод ва шогирд) иштирокчиёни раванд буда, хосиятҳои субъекту субъектро ба даст меоранд, тағйирот даровардан зарур аст ва ин, аввалан, зарурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродии шахсияти наврасонро дар назар дорад ва дуюм, ба вай дар интихоби самт ва усулҳои фаъолият ва инъикоси натиҷаҳои он бештар мустақилият додан лозим аст [28].

Аз ин бармеояд, ки вазифаи муҳимтарини раванди таълиму тарбия ташаккули шахсияти насли наврас мебошад, ки он тавассути муносибати ӯ ба олами атроф ва дарки мавқеи ӯ дар он зуҳур меёбад. Дар робита ба тарбияи ватандӯстӣ ин маънои ба хонандагон додани системаи арзишҳоеро дорад, ки ба ташаккули худшиносии шаҳрвандӣ ва мавқеи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд, ба наврасон имкон медиҳад, ки ба чолишҳои беруна баҳо дода, ба онҳо вокуниши муносиб диҳанд.

Ҳамзамон, муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки хусусиятҳои психофизиологии давраи наврасӣ зарурати дастгирии педагогии раванди ташаккули сифатҳои шахсии хонандагонро пешбинӣ менамоянд, аз ин рӯ шахсияти омӯзгор-мураббӣ, миқдори зарурии дониш доштани ӯ дар соҳаи ғояву мафҳумҳои ватандӯстӣ ва муносибати ташаккулёфта ба ватандӯстӣ ҳамчун яке аз арзишҳои асосӣ, инчунин қобилияти интиқол додани муносибати эҳсосии худ ба арзишҳои ватандӯстӣ дар раванди воқеисозӣ, ташвиқи онҳо ба дарки камолоти шахсият (азхуд кардан) ва ба вуҷуд омадани зарурат ба фаъолияти марбути ватандӯстӣ, зуҳури муносибати

бошуурона ба уҳдадориҳои ватандӯст ва шаҳрванд, хоҳиши тобеъ кардани манфиатҳои шахсии худ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад [39].

**Дар боби дуюми диссертатсия** – "**Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз шароит ва имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ**" – имконоту шароитҳои педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ таҳлилу баррасӣ шуда, сатҳи ташаккулёфтагии эҳсоси ватандӯстии насли наврас мавриди ташхису арзёбӣ қарор дода шудааст.

Дар ин росто, аз он ҷумла, иброз шудааст, ки яке аз вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мо ин ошкор намудани иқтидори муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ҳамчун фазои рушдёбандаи таълимӣ мебошад, ки дар он бомуваффақият амалӣ намудани ҳамкории пайвастаи педагогӣ дар самти тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дар насли наврас дар асоси хусусиятҳои психофизиологӣ имконпазир мегардад. Дар раванди таҳия ва татбиқи амсилаи пешниҳодкардаи мо аз рӯйи усул ва шаклҳои самараноки кор бо наврасон аз коркардҳои олимони педагог ва омӯзгорони фаъолияткунанда истифода бурда шуда, ҳамчунон, усулҳои инноватсионие, ки ба ташаккули муносибатҳои эҳсосӣ ва арзишӣ ба идеалу истилоҳоти марбути мафҳуми ватандӯстӣ, ба вуҷуд омадани ҳавасмандӣ барои иштироки фаъол дар фаъолияти ба самти ватандӯстӣ нигаронидашуда мусоидат мекунанд, пешниҳод карда шуданд.

**Амсилаи педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон дар фазои рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ**, ки аз ҷониби мо коркард ва пешниҳод шудааст, аз рӯи самтҳои (бахшҳои) зерин сохторбандӣ шудааст:

**Бахши консептуалӣ ва мақсаднокӣ** хулосаҳои асосии муаллифро оид ба мақсад ва параметрҳои раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас пешниҳод намуда, барои интихоби усул ва принсипҳои ташкили он (равишҳо) асоснок карда шудааст:

– фаъолияти системавӣ, афзалият додан ба фаъолияти мустақили маърифатии хонанда, иштироки фаъолона дар раванди таълим ва ҳамкорӣ бо омӯзгор;

– аксиологӣ, дар асоси дарки моҳияти иҷтимоии арзишҳо, робитаи мутақобила ва аҳамияти шахсии онҳо барои шахсият [38];

– аналитикӣ-таҳлилӣ, имкон медиҳад муносибати шахсии худ ба арзишҳои ватандӯстӣ, ки дар муҳаббат ба Ватан ва омодагӣ ба ҳифзи манфиатҳои он ифода ёфтааст, дарк карнда шавад;

– экзистенсиалӣ, ки имкон медиҳад шахс аз субъективияти худ огоҳ шавад, мавқеи худро дар ҷомеа пайдо кунад ва қобилияти амалӣ кардани фаъолияти мустақил, масъулиятнокӣ дошта бошад [28].

<table>
<tr><td colspan="3">Бахши консептуалӣ-мақсаднокӣ</td></tr>
<tr><td colspan="3">Мақсад – ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас</td></tr>
<tr><td>Равиши системавӣ-фаъолиятӣ</td><td>Равиши аксиологӣ</td><td>Равиши экзистсенсиалӣ</td></tr>
<tr><td colspan="3">Принсипҳо: фаъолиятӣ ва фаъолнокӣ, инсондӯстӣ, субъективӣ, воқеиятӣ, худбаҳодиҳии фаъолият</td></tr>
<tr><td colspan="3"></td></tr>
</table>

<table>
<tr><td colspan="4">Бахши ташкилӣ-муҳтавоӣ</td></tr>
<tr><td colspan="4">Фаъолияти беруназдарсӣ: Воқеаҳои педагогӣ<br>Шиносоӣ бо анъанаҳои ҷомеа, муассисаи таълимӣ, оила:</td></tr>
<tr><td colspan="2">Вазифаҳо</td><td rowspan="5"></td><td>Шароитҳои педагогӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">- Ташаккули донишҳои ватандӯстӣ;<br>- Ташаккули ақида, эътиқод ва ҳиссиёти ватандӯстӣ, муносибати боэҳтиромона ба таърихи гузаштаи Ватан, кӯшиши хизмат кардан ба манфиати Ватан;<br>Ташаккули талабот барои иштирок дар фаъолияти дорои аҳамияти ватандӯстӣ ва иҷтимоӣ</td><td rowspan="4">- Шарикии педагогӣ-иҷтимоӣ бо оилаи ҷавон ва намояндагони ниҳодҳои ҷамъиятӣ;<br>- Истифодаи неруи тарбиявии осорхонаи муассисаи таълимӣ ҳамчун муҳити интқоли анъанаҳои наслҳо;<br>- Ташкили тадбирҳои педагогии беруназсинфӣ дар асоси технологияи ҷал ба анъанаҳо;<br>- Таъмини фаъолияти ташхисӣ-таҳлилии ҳамаи субъектҳои ҳамкории педагогӣ дар раванди тарбияи насли наврасу ҷавон</td></tr>
<tr><td colspan="2">Механизми ташаккул</td></tr>
<tr><td>Ҷанбаҳои объективӣ</td><td>Ҷанбаҳои субъективӣ</td></tr>
<tr><td>- фаъолияти суннатии ватандӯстӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;<br>- ҷалби ҷомеа ба робитаҳои иҷтимоӣ, муошират бо ҷаҳон ва одамон</td><td>- ҳисси ҳамдардӣ нисбати натиҷаҳои фаъолияти инфиродӣ ва муштарак;<br>- фаъолияти мустақилона кӯшиш барои баёни мазмуни фаъолияти шахсӣ</td></tr>
</table>

<table>
<tr><td colspan="3">Бахши натиҷавӣ</td></tr>
<tr><td colspan="3">Натиҷаи ташаккули ҳисси ватандӯстии ҷавонон</td></tr>
<tr><td>Ҷузъҳо</td><td>Мундариҷа</td><td>Меъёрҳои ташаккул (нишондиҳандаҳои баланд)</td></tr>
<tr><td>Маърифатӣ</td><td>Шуури ватандӯстона</td><td>Иттилоотӣ-муҳтавоӣ: мавҷудияти донишҳои ватандӯстонаи мазмуни иттилоотидошта дар бораи зодгоҳ ва кишвар, тасаввурот дар бораи моҳияти ватандӯстӣ ва зуҳури он</td></tr>
<tr><td>Эмотсионалӣ-ангезавӣ</td><td>Муносибати ватандӯстона</td><td>Баҳодиҳӣ: муносибати эмотсионалӣ-арзишӣ ба Ватан, муносибати боэҳтиромона ба худ ҳамчун узви арзишманди ҷомеа, талош барои хизмат ба манфиати халқ ва кишвар</td></tr>
<tr><td>фаъолиятӣ</td><td>Фаъолияти ватандӯстона</td><td>Фаъолиятӣ-амалӣ: меъёрнокӣ ва мутобиқати рафтор; фаъолнокии мустақилона, таҷибаи ватандӯстии шахсӣ; талош барои фаъолияти арзишноки иҷтимоӣ</td></tr>
</table>

***Расми 1. Сохтори педагогии амсилаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ***

Мо ҳамчун принсипҳои асосии тарбияи ватандӯсӣ принсипи инсондӯстӣ, фаъолият ва фаъолнокӣ, субъективият, ҳодисавӣ ва ташхисии фаъолиятро муайян кардем.

**Бахши ташкилию муҳтавоӣ** ақидаҳои моро дар бораи иқтидори таълимию тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ муттаҳид сохта, барои қонеъ гардонидани ҳам талаботи наврасон барои ба даст овардани ҳаҷми кофии донишҳои ватандӯстӣ, ки ба ташаккули ҷузъи маърифатии ватандӯстӣ мусоидат мекунад ва ҳам дар бедор кардани эҳсосоти марбут ба суннатҳои фарҳангию маънавии мардум, гузаштаи пуршарафи

таърихии он, ки асоси ангезаи амалӣ намудани фаъолияти ватандӯстӣ, майли аз манфиатҳои шахсӣ болотар гузоштани манфиатҳои Ватану зодгоҳ мебошад, қодир аст.

Дар байни усулҳои асосии ҳамкории педагогӣ дар фазои муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ бояд ҳамкориҳои муштаракро дар самти ташкили чорабиниҳои (тадбирҳои педагогӣ) хусусияти ватандӯстӣ дошта ҷудо кард, вақте ки наврасу ҷавон имконияти интихоби яке аз нақшҳои асосиро пайдо мекунад ва дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои дахлдор имкони нишон додани маҳорати ташкилотчигӣ, масъулият барои натиҷаро дорад, талаботи баҳодиҳии мусбӣ ба фаъолияти худро ҳам аз ҷониби ҳамсолон ва ҳам аз ҷониби «калонсолони барҷаста» қонеъ карда метавонад. Ба форматҳое, ки барои ба наслҳо интиқол додани арзишҳои ватандӯстӣ тавассути фазои муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва истифодаи бартариҳои шарикии хуб бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ҷамъиятҳои ветеранҳо, ҳаракатҳои ватандӯстона ва ғайра) ва аъзоёни оилаи наврасон хеле мусоидат мекунад, бояд мавқеи махсус дода шавад.

Дар асоси зарурати гирифтани фикру мулоҳиза ба роҳ мондани муколамаи баробари омӯзгор ва хонандаро, ки имкон медиҳад раванд сари вақт ташхис ва таҳрир карда шавад, ба роҳ мондан зарур аст.

**Бахши меъёрӣ-натиҷавӣ** арзёбии ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар наврасону ҷавонон – иштирокчиёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар марҳилаҳои муайянкунӣ ва назоратии таҷрибаи педагогӣ бо истифода аз усулҳои аз ҷиҳати илмӣ исботшудаи пурсиш (аз ҷумла суҳбатҳои шифоҳӣ – тестӣ), усулҳои қайди зуҳуроти алоҳидаи шахсияти кудак (мушоҳидҳо) ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур тасмим гирифта шуд, ки сатҳи инкишофи ҷузъи маърифатӣ дар асоси аз тарафи хонандагон азхуд кардани маҷмуи муайяни донишҳо, ки барои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ замина мегардад, арзёбӣ карда шавад. Дараҷаи ташаккули ҷузъи эмотсионалӣ - ҳавасмандӣ дар насли наврас бо муайян намудани дарки эҳсосоти арзишимандии падидаҳо ва мафҳумҳои марбут ба Ватан, зодгоҳ, ҳисси мансубият ба халқу миллат ва ҷомеа баҳо дода мешавад. Ташаккули ҷузъи фаъолият бо рафтори муносиб ва бо меъёрҳои мувофиқ, мавҷудияти фаъолияти мустақил ва таҷрибаи фаъолияти шахсии ватандӯстӣ, хоҳиш ба фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок муайян карда мешавад.

Бо дарназардошти ҷузъҳои дар боло зикршуда, ҳамчунин, дар боби дуюми диссертатсия сатҳи ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас мавриди ташхису арзёбӣ қарор дода шуд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоте,

ки дар марҳилаи ибтидоии таҳқиқот оид ба сатҳи ватандӯстӣ дар байни хонандагони синфҳои 5-6-уми дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии МТМУ №45, мактаби бачагонаи санъат ба номи Файзулло Шарипов ноиҳяи Ёвон, МТМУ №50, №98, №99, Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқӣ ҷумҳуриявии ба номи Зиёдулло Шаҳидии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва МТМУ №7-и ба номи А. Навоии шаҳри Турсунзода ба ҳайси пойгаҳи таҳқиқот барои татбиқи амсилаи педагогии таҳиякардаи мо ва гузаронидани озмоиши педагогӣ гузаронида шуданд. Наврасон (хонандагони синфҳои 5-6) ба гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ тақсим карда шуда, 4 нафар омӯзгорони МТМУ №50, №98, №99, Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқӣ ҷумҳуриявии ба номи Зиёдулло Шаҳидии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, 4 нафар омӯзгорони МТМУ №45., мактаби бачагонаи санъат ба номи Файзулло Шарипов ноҳияи Ёвон ва 5 нафар омӯзгорони МТМУ №7-и ба номи А. Навоии шаҳри Турсунзода гузаронида шуд, хонандагон ба ду гурӯҳ, озмоишӣ ва назоратӣ, ки ҳар кадоми онҳо сӣ нафарӣ наврасонро дар бар мегирифтанд, ҷудо када шуда буданд.

Дар марҳилаи муқарраркунанда сатҳи ибтидоии рушди ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар иштирокчиёни ҳарду гурӯҳ муайян карда шуд. Ҷузъи маърифатӣ тавассути арзёбии ҳаҷми дониш дар бораи таърихи Тоҷикистон, рамзҳои давлатии он, шахсиятҳои барҷаста, инчунин сатҳи дарки категорияҳо ва сохторҳои асосии семантикии марбут ба ватандӯстӣ; ҷузъи эмотсионалию ҳавасмандӣ тавассути таҳлили маъноии ҷавобҳои наврасон ба саволҳои пурсишномаи Д.В. Григорев «Ватани ман - Тоҷикистон», тафсири натиҷаҳои пурсиш бо методикаи мутобиқардаи В.И. Лутовинов, суҳбатҳои тестӣ дар бораи унсурҳои асосии бахши консептуалӣ ва ғайра арзёбӣ гардид. Рушди ҷузъи фаъолиятӣ аз рӯйи натиҷаҳои мушоҳидаи пурраи фаъолияти наврасон, зуҳуроти фаъолияти онҳо дар ташкили чорабиниҳои ватандӯстона берун аз соатҳои дарсӣ дар муҳити рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ арзёбӣ карда шуд.

Дар марҳилаи муқарраркунанда тафовути нишондиҳандаҳо оид ба сатҳи ташаккули ҷузъҳои ватандӯстӣ дар байни наврасони шомили ҳарду гурӯҳ чандон назаррас набуд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «**Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ**» - асосноккунии интихоби шароитҳои педагогӣ барои воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ оварда шуда, барои амалисозӣ

тавсияҳо ироа шудаанд; раванди татбиқи амсилаи педагогӣ муфассал тавсиф шуда, исботи далели самаранокии он дар асоси таҳлили натиҷаҳои кор бо наврасони шомили гурӯҳи озмоишӣ бо истифода аз воситаҳои ташхиси аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда манзур шудааст.

Дар марҳалаи ташаккулдиҳандаи озмоиши педагогӣ, дар ҷараёни татбиқи амсилаи педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстӣ шароитҳои педагогие амалӣ карда шуданд, ки ба туфайли онҳо самаранокии ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар муҳити рушди муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ таъмин карда шуд, аз ҷумла:

***Шарикии иҷтимоию педагогӣ***, ки иштирокчиёни он (пеш аз ҳама бо ташаббуси муассисаи таълимӣ) метавонанд намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилоту ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ва коллективҳои истеҳсолӣ бошанд, вале дар ҷойи аввал аъзоёни оилаи ҷавонону наврасон меистанд. Чунин ҳамкорӣ ба хонандагон ҳамчунон таҷрибаи якҷоя кор карданро на танҳо бо ҳамсолон, балки бо калонсолон ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои гуногун низ медиҳад. Масалан, ҳамкорӣ бо кумитаи маҳаллии яке аз микрорайонҳоро, ки аксарияти хонандагони мактаб дар он ҷо зиндагӣ мекунанд, дар самти коркарди лоиҳаи таълимӣ барои тамоми сокионон мисол овардан умкин аст. Дар рафти ин лоиҳа суҳбату мубоҳисаҳо ва намоиши лоиҳаҳои гуногуни таълимӣ оид ба масъалаи беҳ гардонидани сифати муҳити шаҳр аз нигоҳи фароҳам овардани шароитҳо барои сокинон баргузор гардиданд.

Дар доираи шанбегӣ дар соҳил (якҷоя бо Маркази омӯзиши пиряххҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) хонандагон дар бораи захираҳои обии кишвар ва нақши онҳо дар иқтисодиёт дониши худро васеъ намуда, сипас таассуроти худро дар шакли чорабиниҳои мавзуӣ ба мазраи намоиш гузоштанд.

Дар байни шарикони дигаре, ки ҳамкорӣ бо онҳо хеле муваффақ гузашт, Маҷмааи «Истиқлол», Қасри теннис ва Маҷмааи варзиши шаҳри Душанберо номбар кардан мумкин аст, ки онҳо барои ҷавонону наврасон ва оилаҳои онҳо имкони озодона дидан аз майдонҳои шаҳри Душанберо фароҳам оварданд.

***Татбиқи неруи тарбиявии осорхонаи мактабӣ***, ки дар ҳамкории зич бо осорхонаҳои шаҳру кишвар ба роҳ монда шуда буд, муваффақияти чунин як самт, аз қабили ба олами анъана ва расму оинҳои миллӣ ҷалб намудани насли наврасу ҷавонро пешакӣ муайян намуд. Дар рафти омода кардани як катор намоишгоҳҳо ба хонандагон муяссар шуд, ки аз нигораҳои на танҳо осорхонаи мактаб, балки хазинаҳои Осорхонаи

миллии Тоҷикистон, Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон, инчунин, бойгонии оилаи худ ва ҳамсинфон низ истифода баранд. Зимни тартиб додани нақшаи намоиш хонандагон ба навиштаҷоти таърихӣ рӯ оварда, муҳимтарин рӯйдодҳоеро, ки дар рафти маърузаҳо, баромадҳо ва ғайра ироа шуда буданд, интихоб намуданд ва ин муваффақияти воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстиро пешакӣ муайян сохт.

Дар байни рӯйдодҳои ҷолиби диққат, ки ҳам дар байни ташкилотчиёни он (асосан иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ) ва ҳам дар байни иштирокчиён ҳиссиёти пурзӯрро ба амал овард, намоише буд, ки ба рушди ҳаракати “Ба меҳнат ва ҳифзи Ватан омодаем” бахшида шуда буд. Дар он шиорҳо, либосҳои варзишӣ ва рамзҳо, аксҳои таърихӣ аз бойгонии оилаҳо, инчунин намоиши суратҳо бахшида ба Ҳафтаи мусиқии мардумии Тоҷикистон намоиш дода шуданд.

***Ҷалби наврасон ба ташкили чорабиниҳо ва лоиҳаҳо барои шиносоӣ бо анъанаҳо.*** Аксари муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ вобаста ба самти фаъолият хусусияти хоси худро доранд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки раванди ҳамкории педагогиро дар самти ба анъана ва расму оинҳои миллӣ ҷалб намудани хонандагони макотиб пурмазмуну ғанӣ гардонанд.

Муҳимтарин шароити воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстӣ ҷалби ҳадди аксар дар ташкили чорабиниҳо дар нақшҳои асосӣ буд, ки ин ба онҳо имкон дод ҳам дар марҳилаи омодагӣ ва ҳам дар марҳилаи амалӣ фаъол бошанд, дар ташкили муошырати пурсамар бо бисёр шарикони сатҳҳои гуногуни вазъи иҷтимоӣ ва синну сол таҷриба ба даст оранд, инчунин масъулияти пурраро барои ба даст овардани натиҷа ба дӯш гиранд. Дар натиҷаи инъикос ва ташхиси таҷрибаи андӯхташуда дар наврасон эҳтиёҷот ба худтакмилдиҳӣ тавассути иштироки фаъолона дар чорабиниҳои ватандӯстӣ ташаккул ёфт.

Хусусиятҳои хоси чорабиниҳои (тадбирҳои педагогӣ) гузаронидашуда дар истифодаи технологияи шиносоӣ ва ҷалб ба анъанаҳои миллӣ ҳангоми банакшагирӣ ва ташкили онҳо буд, ки имкон дод дар бораи ташаккули муносибати арзишӣ ба принсипҳои ахлоқӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ ва расму оинҳои халқҳои сокини Тоҷикистон сухан ронем.

***Муҳайёсозии шароитҳо барои амалигардонии фаъолияти худбаҳодиҳию таҳлилии ҳамаи субъектҳои ҳамкории педагогӣ дар раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ.*** Муҳимтарин шароити баланд бардоштани самаранокии ҳамкории педагогӣ ба барномаи озмоиш дохил намудани чорабиниҳо

бахшида ба муҳокимаи натиҷаҳои кори инфиродӣ ва коллективӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳо буд, ки дар он ҷавонону наврасон, омӯзгорон ва шарикони ҳамкор тавонистанд баҳоҳои худро баён кунанд, натиҷаҳоро арзёбӣ намоянд ва дар бораи таассуроте, ки аз ин ё он фаъолият бардоштаанд, нақл кунанд. Чунин амали дарк аз фаъолияти худ ба баланд шудани сатҳи инкишофи ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ мусоидат намуд.

Дар охири марҳилаи ташаккули кори озмоишӣ-таҷрибавӣ ченкунии ниҳоии нишондиҳандаҳои ташаккули ҷузъҳои ватандӯстии насли наврасу ҷавон гузаронида шуд.

Ҳам дар марҳилаи муқарраркунанда ва ҳам дар марҳилаи назоратӣ барои арзёбии самаранокии амсилаи педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наслинаврас дар корҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ методикаи пурсишномаи Д.В. Григорев «Ватани ман - Тоҷикистон», ки истифодаи усули таҳлили мундариҷаро ҳамчун воситаи арзёбӣ пешниҳод мекунад, татбиқ карда шуд.




***Расми 2. Динамикаи тағйирёбии худбаҳодиҳӣ вобаста ба мавҷудияти Эҳсосоти ватандӯстӣ дар байни иштирокчиёни ГО ва ГН***




*Расми 3. Ҷузъҳои асосии мафҳуми «ватанпарастӣ» ва дараҷаи аҳамияти онҳо аз нигоҳи иштирокчиёни ГО ва ГН (дар динамика)*




*Расми 4. Динамикаи арзёбии сатҳи ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар байни ҳамсинфон аз рӯйи ақидаи иштирокчиёни ГО ва ГН дар раванди озмоиш*




*Расми 5. Динамикаи фаъолнокии иштироккунандагони ГО ва ГН дар чорабиниҳои самти шаҳрвандӣ-ватандӯстидошта дар солҳои охир (худбаҳодиҳӣ)*

Сатҳи ташаккули ҷузъи маърифатии ватандӯстӣ дар марҳилаи назоратӣ тавассути гузаронидани сӯҳбатҳои санҷишӣ бо иштирокчиени гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ арзебӣ карда шуд, ки дар ҷараени он омӯзгорон ҳаҷм ва сифати донишҳои наврасони хурдсолро дар бораи блоки асосии ғояҳо, мафҳумҳо ва истилоҳоти соҳаи ватандӯстӣ таҳлил карданд. Пас аз ҷамъбаст ва муҳокимаи натиҷаҳои ин кор, мо ба хулосае омадем, ки барои иштирокчиени гурӯҳи назоратӣ арзебиҳои зерин одилона хоҳанд буд (миена): сатҳи баландро ду наврас, миена – сездаҳ ва паст – понздаҳ нишон доданд; дар гурӯҳи таҷрибавӣ сатҳи баланд дар нӯҳ иштирокчӣ, миена – ҳаждаҳ ва паст – дар се нафар ба қайд гирифта шудааст.



*Расми 6. Динамикаи нишондиҳандаҳои миенаи сатҳи ташаккули ҷузъи маърифатии ватандӯстӣ дар иштирокчиени ГО ва ГН*

Сатҳи ташаккули ҷузъи эҳсосӣ-ҳавасмандгардонӣ дар иштирокчиени ҳарду гурӯҳ бо роҳи муайян кардани муносибати мусбати онҳо ба Тоҷикистон, ҳамчун Ватани худ, гузаштаи пуршарафи он, шахсиятҳои барҷаста, рамзҳои давлатӣ, арзишҳои фарҳангӣ, анъанаҳо ва урфу одатҳо муайян карда шуд. Мавҷудияти омодагӣ ва зарурати ҳимояи идеалҳои ватандӯстӣ, иштирок дар фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар чорабиниҳое, ки ба ҳифзи сарватҳои табиии кишвар, фарҳанги бойи маънавӣ ва моддии миллии он мусоидат мекунанд, ошкор карда шуд. Арзишҳои миенаи ташаккули ҷузъи эмотсионалӣ-ҳавасмандгардонӣ дар иштирокчиени гурӯҳи назоратӣ, ки дар ҷараени таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, ба таври зерин тақсим карда шуданд: се нафар сатҳи баланд, дувоздаҳ наврас – миена ва понздаҳ – паст нишон доданд; мутаносибан, дар байни иштирокчиени гурӯҳи озмоишии онҳое, ки сатҳи ташаккули ин ҷузъ баланд арзебӣ шудааст, ҳашт нафар буданд, сатҳи миена дар нуздаҳ наврас ошкор шудааст ва сатҳи паст дар се нафар (Расми 7).




*Расми 7. Динамикаи сатҳи ташаккули ҷузъи эмотсионалӣ-ҳавасмандии ватандӯстӣ дар ҷараени озмоиши педагогӣ дар иштирокчиени ГО ва ГН*

Ҳамчун усули асосӣ, ки барои арзебии сатҳи ташаккули ҷузъи фаъолияти ватандӯстӣ истифода мешуд, мушоҳидаи дохилшуда аз мавқеи мушоҳидаи пурра истифода мешуд, ки имкон медод, ки дар бораи

фаъолияти наврасони хурдсол дар раванди амалӣ намудани фаъолияти самти ватандӯстӣ тасаввуроти ҳамаҷониба ба даст оварда шавад: интихоби нақш ва омодагӣ барои ба ӯҳда гирифтани ҳаҷми муайяни вазифаҳо, қобилияти кор дар гурӯҳ, баен ва ҳимояи нуқтаи назари худ, масъулият барои натиҷа, дарк кардани аҳамияти фаъолияти фоиданоки иҷтимоӣ ва зарурати иштирок дар лоиҳаҳои самти иҷтимоӣ ва ғайра. Аен аст, ки дар марҳилаи назоратии таҷрибаи педагогӣ нишондиҳандаҳои миенаи ташаккули ҷузъи фаъолият дар наврасони хурдсол, ки ба гурӯҳҳои гуногун дохил карда шудаанд, ба таври назаррас фарқ карданд: дар гурӯҳи назоратӣ сатҳи баланди ташаккул дар ду наврас, миена дар даҳ ва паст дар ҳаждаҳ сабт шудааст; дар гурӯҳи таҷрибавӣ аксарияти иштирокчиен, нуздаҳ нафар - сатҳи миена,- шаш нафар - сатҳи паст ва панҷ нафар – сатҳи баландро нишон доданд (Расми 8).




*Расми 8. Динамикаи сатҳи ташаккули ҷузъи фаъолияти ватандӯстӣ дар ҷараени татбиқи озмоиши педагогӣ дар иштирокчиени ГО ва ГН.*

Натиҷаҳои зимни арзёбии сатҳи ташаккули ҷузъҳои ватандӯстии наврасони шомили гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ бадастомадаро дар марҳилаи назоратии таҷрибаи педагогӣ ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса омадем:

Дар иштирокчиёни гурӯҳи назоратӣ системаи донишҳо оид ба гузаштаи пуршарафи Тоҷикистон, таъриху фарҳанги он, хусусиятҳои миллии халқҳои имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтааст, вале

дар нисфи дигарашон муносибати арзишнок нисбат ба ин донишҳо ва мафҳумҳо ташаккул наёфтааст.

Дар нимаи дуюми иштирокчиёни гурӯҳи назоратӣ дар бораи таърих ва мероси фарҳангии Тоҷикистон тасаввуроти мусбӣ ташаккул наёфта, дониши амиқ роҷеъ ба истилоҳоту мафҳумҳои марбут ба ватандӯстиро нишон надоданд. Дар баробари ин, аз се ду ҳиссаи иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ моҳият ва арзиши пурраи ин мафҳумҳоро дарк карда, онҳоро аслан истилоҳоти муҳими иҷтимоӣ медонанд ва дар ин марҳилаи инкишофи худ онҳоро ба доираи манфиатҳои шахсӣ дохил намекунанд.

Мушоҳидаҳои иштирокчиёни гурӯҳи назоратӣ ба мо имкон медиҳад изҳор намоем, ки онҳо аллакай аз робитаи эмотсионалии худ на танҳо бо намояндагони насли калонсоли оилаи худ, балки бо дигар намояндагони халқи худ низ огоҳанд, бо вуҷуди он ин робита ҳанӯз дар чунин ҳиссиёт, ба монанди муҳаббат ба зодгоҳи худ ва масъулият барои беҳбуду инкишофи минбаъдаи он зоҳир нашудааст. 18 нафар иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ дар марҳилаи назоратӣ сатҳи ба қадри кофӣ баланди ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, муносибати эмотсионалӣ ба мавқеъ ва нақши худ дар ҷомеаро нишон доданд, ки ин асоси ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ буда, барои иштироки фаъолона дар чорабиниҳои ватандӯстӣ зарур аст.

Аксарияти иштирокчиёни гурӯҳи назоратӣ (17 нафар) нисбат ба имконияти иштирок дар чорабиниҳои дастҷамъона (аз ҷумла чорабиниҳои ватандӯстӣ) бепарвоанд, зеро ин шояд ба доираи манфиатҳои ҳаётии онҳо дохил нашавад ва ҳамчун яке аз омилҳои худинкишофдиҳӣ барои онҳо қобили қабул набошад. Тақрибан аз се ду ҳиссаи (19 нафар) иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ эҳтиёҷот ба худинкишофдиҳиро тавассути иштирок дар кори дастаҷамъона эҳсос мекунанд, барои ба ӯҳда гирифтани масъулияти хеле ҷиддӣ дар ташкили чорабиниҳо мушкилӣ надоранд, вале баъзеи онҳо дар уҳдаи ташкил намудани муошират фоидаовар бо ҳамсолон он қадар муваффақ нестанд, махсусан дар он бахше, ки таҳия, муаррифӣ ва ҳимояи мавқеи худро пешбинӣ менамояд. Ба чунин наврасон осонтар аст, ки дар рафти муҳокима хомуш истода, ба қарорҳои қабулкардаи аксарият итоат кунанд.

Арзёбии ҷамъбастӣ ва ташхисии натиҷаҳои татбиқи амсилаи педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар корҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ нишон дод, ки иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ категорияҳои ахлоқиеро, ки бо

арзишҳои асосии ватандӯстӣ алоқаманданд, аз нав баҳогузорӣ намудаанд. Дар онҳо дарки эҳсоси симои Ватан, дарки бузургии таъриху фарҳанг, анъана ва расму оинҳои он, зарурати омӯхтан ва ҳифзи онҳо, инчунин ба фаъолияти шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, омодагӣ ба доштани масъулият барои тақдири ҳамватанони худ зуҳур кардааст.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, бо итминон метавон гуфт, ки кӯшишҳои педагогӣ дар рафти озмоиши педагогӣ, ки бо риояи шартҳои муайяни педагогӣ гузаронида шудаанд, имкон доданд дар самти воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар машғулиятҳои беруназсинфӣ самаранокии бештар ба даст оварда, дар навбати худ имкон дод, ки дараҷаи ташаккули ҷузъхои асосии ватандӯстии иштироккунандагони гурӯҳи озмоишӣ хеле баланд бардошта шавад. Ҳамкории педагогӣ дар самти тарбияи ватандӯстии наврасони шомили гурӯҳи назоратӣ низ натиҷаҳои муайян дод, вале нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули ҷузъҳои ватандӯстӣ дар байни иштирокчиёни ин гурӯҳ, ки дар марҳилаи назоратӣ ошкор шудаанд, хеле пасттар буданд.

Азбаски маълумоти дар марҳилаи назоратӣ гирифташуда ба категорияи сифатӣ тааллуқ дорад, эътимоднокии онҳо бо истифода аз усули $\chi^2$ (хи-мурабба), ки маъмулан дар омори математикӣ фарқияти байни маълумоти воқеии интихоб ва пешгӯйиҳои назариявӣ (ба истилоҳ «гипотезаи нолӣ»)-и муҳаққиқро нишон дода, барои дарёфт ё рад кардани фарзия дар бораи таносуби байни омилҳои гуногун ёрӣ мерасонад, мавриди санҷиш қарор гирифт. Усули маъмултарин дар ин соҳа меъёри Пирсон ба ҳисоб меравад, зеро он хеле универсалӣ буда, барои он миқдори хеле зиёди ҷадвалҳои пайвасткунанда пешбинӣ шудааст, ки истифодаи онро ба таври назаррас осон мекунад. Меъёри Пирсон ҳангоми зарурати муқоисаи арзишҳои мушоҳидашуда истифода мешавад (дар ҳолати мо инҳо натиҷаҳои воқеии марҳилаи назоратии озмоиш мебошанд).

Мо, аллакай, асоснокии меъёрҳои дар ин таҳқиқот истифодашударо барои арзёбии дараҷаи ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар иштрокчиёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоартӣ анҷом додем. Методикаи мазкур дохил намудани нишондодҳои сабтшударо ба яке аз се дараҷа-паст, миёна ё баланд пешбинӣ менамояд. Тибқи методикаи Пирсон муайян кардани дараҷаи нишондодҳои таҳқиқӣ, ки дар асоси онҳо санҷиш (ба истилоҳ “фарзияи ба сифр баробар”) гузаронида мешавад, зарур буд. Мо тахмин намудем, ки ба сифати Н 0 мавҷуд набудани тағйиротро дар дараҷаи ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар ҷараёни гузаронидани

озмоиши педагогӣ қабул менамоем. Бо натиҷаҳои санҷиш дар ҷадвали зер шинос шудан мумкин аст:

***Ҷадвали 1.*** *Санҷиши омории эътимоднокии нишондодҳои дараҷаи ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар байни иштирокчиёни ГО ва ГН (тибқи методикаи $\chi^2$)*

| Дараҷаи ташаккул | КГ, n=30 | ЭГ, n=30 | $\chi^2_{эмп}$* |
|---|---|---|---|
| **Ҷузъи маърифатӣ** | | | |
| Баланд | 2 | 9 | 13,261 |
| Миёна | 13 | 18 | |
| Паст | 15 | 3 | |
| **Ҷузъи эмотсионалӣ-ҳавасмандӣ** | | | |
| Баланд | 3 | 8 | 11,853 |
| Миёна | 12 | 19 | |
| | | | |
| Паст | 15 | 3 | |
| **Ҷузъи фаъолиятӣ** | | | |
| Баланд | 2 | 5 | 10,079 |
| Миёна | 10 | 19 | |
| Паст | 18 | 6 | |

* дар сатҳи назаррас $p>0,05$, арзиши муҳими $\chi^2$ 5,991 аст

Истифодаи усули оморӣ барои санҷидани эътимоднокии маълумоти ба таври эмпирикӣ ба даст омадаи озмоиш (меъёри $\chi^2$) имкон дод, ки фарзияи назариявии муаллифони амсила тасдиқ карда шавад ва истифодаи технологияҳои педагогии пешниҳодкардаи онҳо ва мувофиқат ба шароити педагогӣ ба даст овардани фарқияти аз ҷиҳати оморӣ муҳимро дар нишондиҳандаҳое, ки динамикаи гуногуни ташаккули ҷузъҳои ватандӯстӣ дар наврасони шомили ду гурӯҳи ҳархела, озмоишӣ ва назоратиро нишон медиҳанд, имконпазир гардад.

Ҳамин тариқ, дар асоси натиҷаҳои бадастомада метавон тасдиқ кард, ки мақсади таҳқиқот амалӣ гардида, вазифаҳои гузошташуда ҳал шудаанд.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ

### 1. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ:

1. Раванди воқеисозӣ дар ҷараёни ҳамкориҳои педагогӣ ба таври самаранок ҷорӣ мегардад, агар шароитҳои дахлдори педагогӣ (пеш аз ҳама самти ташаккули муҳит) амалӣ шаванд ва омӯзгор дар он ҳамчун яке аз субъектҳои аз ҷиҳати мавқеи шаҳрвандӣ ҳаматарафа инкишофёфта иштирок намояд. Дастгирии босалоҳияти педагогии ҷалби наврасон ба татбиқи лоиҳаҳои ватандӯстӣ тавассути мавқеҳои асосии ташкилотчиён дар онҳо зарурати аз худ намудани миқдори зиёди донишҳоеро ба вуҷуд

меорад, ки дар асоси онҳо ҳисси ватандӯстӣ, қобилияти эҳсоси гузаштаи таърихии кишвари худ, корнамоии қаҳрамононаи ҳамватаноне, ки манфиатҳои онро ҳифз кардаанд ва ғайра ташаккул меёбад [1-М].

2. Дар ҷараёни ташакулли раванди тарбияи наврасон дар муассисаҳои фарҳагиву маърифатӣ ба равишҳои фаъолияти системавӣ, аксиологӣ ва экзистенсиалӣ, ки барои ноил гардидан ба сатҳи баланди инкишофи ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ имкон медиҳанд, афзалият дода мешавад [4-М].

3. Истифодаи нерӯи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ дар раванди тарбияи ватандӯстии наврасон барои васеъ намудани имкониятҳои воқеисозӣ дар ҷараёни ҳамкории педагогӣ бо роҳи фароҳам овардани шароит барои ташаккули дарки эмотсионалии мазмуну мундариҷаи иттилооти асосии ба вижагӣ хоси муассисаи мазкур, сифати муҳити рушди тарбияи он, ки дар он наврасон барои мустақилона фаҳмидану таҳлил намудани иштироки худ дар саҳмгузорӣ ба таърих ва анъанаҳои фарҳангии Ватан, зодгоҳ, миллат ва ғайра имконият пайдо мекунанд, мусоидат менамояд [2-М; 6-М].

4. Таъсири тарбия моҳиятан дар асоси истифода аз технологияҳои ҷорӣ намудани анъанаҳо, истифодаи иқтидори ҳамкориҳои иҷтимоӣ ва педагогӣ, фароҳам овардани имконият ба насли наврас дар интихоби нақшҳое, ки ба манфиатҳои онҳо дар раванди татбиқи лоиҳаҳои ватандӯстӣ мувофиқат мекунанд, ба таври назаррас афзоиш меёбад [1-М; 3-М].

5. Усулҳои хеле натиҷабахши ҳамкориҳои мутақобила дар раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ аз нигоҳи мо инҳоянд: ташкили муколама, тақсими ваколатҳо, омодагии омӯзгор ба ислоҳи раванди таълим, таъмини мустақилияти бештари хонандагон дар интихоби роҳҳои расидан ба ҳадаф (бо назардошти хусусиятҳои психофизиологӣ ва синнусолии марҳилаи муайяни ташаккули шахсият, зеро онҳо бештар ба андӯхтани таҷриба дар ташаккули муоширати муассир ва ташаккули амсилаҳои рафтори иҷтимоӣ мусоидат мекунанд) [2-М; 3-М].

**II. Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба таҳия ва ироаи тавсияҳои зерин водор сохтанд:

*Муҳайё кардани шароитҳои мусоиди педагогӣ:*

1) Таъмини муҳити педагогии ҳаматарафа, ки дар он наврасон худро бароҳат ва эмин ҳис кунанд.

2) Фароҳам овардани имкониятҳо барои ҳамкорӣ, мубодилаи афкор ва таҷриба байни наврасон ва омӯзгорон.

3) Ташкили чорабиниҳо ва фаъолиятҳое, ки ба рушди шавқу ҳаваси наврасон ба ватандӯстӣ мусоидат мекунанд.

*Нақши омӯзгор ҳамчун шахсияти ватандӯст:*

1) Омӯзгор бояд намунаи ибрат бошад ва муносибати ватандӯстонаи худро дар амал нишон диҳад.

2) Омӯзгор бояд дар ташаккули ҳисси ватандӯстии наврасон фаъолона иштирок кунад ва онҳоро дар ин раванд дастгирӣ намояд.

3) Омӯзгор бояд донишҳои худро дар бораи таърихи Ватан, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ пайваста такмил диҳад.

*Татбиқи лоиҳаҳои ватандӯстӣ:*

1) Ҷалби наврасон ба татбиқи лоиҳаҳои ватандӯстӣ, ки ба онҳо имкон медиҳанд, ҳисси ватандӯстии худро амалан нишон диҳанд.

2) Муҳайё кардани дастгирии босалоҳияти педагогӣ барои наврасон дар ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои ватандӯстӣ.

3) Таъмини иҷрои лоиҳаҳои ватандӯстӣ, ки ба рушди ҳисси масъулият, ватандӯстӣ ва ифтихор аз Ватан мусоидат кунанд.

*Таъмини донишҳои зарурӣ:*

1) Таъмини наврасон бо донишҳои зарурӣ дар бораи таърихи Ватан, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ.

2) Истифодаи усулҳои таълими муосир ва фаъол барои ҷалби наврасон ба омӯзиши таърихи Ватан.

3) Ташкили сафарҳои таърихӣ, боздид аз осорхонаҳо ва ҷойҳои таърихӣ барои тақвияти донишҳои наврасон дар бораи таърихи Ватан.

*Ташаккули ҳисси ватандӯстӣ:*

1) Ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар наврасон тавассути муаррифии кору пайкори қаҳрамонони Ватан, корнамоиҳои онҳо ва муҳаббат ба Ватан.

2) Таъкид ба арзишҳои умумиинсонӣ, ки ба ватандӯстӣ алоқамананданд, ба монанди адолат, инсондӯстӣ, вафодорӣ ва ғайра.

3) Мусоидат ба рушди ҳисси ифтихор аз Ватан, фарҳанг ва таърихи он.

Ҳамчунин, дар тарбияи ҳисси ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ба инобат гиифтани ҷанбаҳои зерин хеле муҳим ва муассиранд:

*Муколамаи интерактивӣ:* Ташкили муколама бояд на танҳо дар шакли саволу ҷавоб, балки дар шакли мубоҳисаҳо, мизҳои мудаввар ва

форумҳои интерактивӣ сурат гирад. Ин имкон медиҳад, ки наврасон фикру ақидаҳои худро озодона баён кунанд ва ба андешаҳои дигарон эҳтиром гузоранд.

*Ваколат ва масъулият:* Тақсими ваколатҳо бояд бо назардошти қобилият ва шавқи наврасон сурат гирад. Ба онҳо додани масъулият барои иҷрои лоиҳаҳои мушаххас, чорабиниҳо ва ғайра, ҳисси ватандӯстиро тақвият мебахшад.

*Омодагии омӯзгор ба ислоҳ:* Омӯзгор бояд на танҳо омода бошад, балки фаъолона раванди таълимро ислоҳ кунад. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгор бояд ба фикру мулоҳизаҳои хонандагон ҳассос бошад ва дар ҳолати зарурӣ, усулҳои таълиму тарбияро тағйир диҳад.

*Мустақилияти интихоб:* Таъмини мустақилияти бештари хонандагон дар интихоби роҳҳои расидан ба ҳадаф бояд бо роҳбарии дурусти омӯзгор сурат гирад. Омӯзгор бояд ба хонандагон дар интихоби роҳҳои мувофиқ кумак кунад, аммо набояд онҳоро маҷбур созад.

*Хусусиятҳои психофизиологӣ ва синнусолӣ:* Ба назар гирифтани хусусиятҳои психофизиологӣ ва синнусолии наврасон хеле муҳим аст. Усулҳои таълим бояд ба синну соли хонандагон мувофиқ бошанд ва ба онҳо имкон диҳанд, ки таҷрибаи муошırати муассир ва амсилаҳои рафтори иҷтимоиро азхуд кунанд.

Илова бар ин, тавсия дода мешавад, ки дар раванди тарбияи ватандӯстӣ технологияҳои муосир, аз қабили платформаҳои онлайнӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои таълимӣ истифода шаванд. Ин метавонад ба ҷалби бештари наврасон ва таъмини дастрасии онҳо ба маълумоти зарурӣ мусоидат кунад.

Амалисозии тавсияҳои мазкур метавонанд барои тарбияи насли навраси ватандӯст, ки ба манфиати Ватан хизмат кунад, мусоидат намоянд.

## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### *1) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуданд:*

[1-М] Наврузова Г.Т., Мирзоев А.Р. Роҳ ва усулҳои тарбияи ватандӯстонаи насли ҷавон дар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ. [Матн] / Г.Т. Наврузова, А.Р. Мирзоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2024. №4 (54). - С.140-147. ISSN 2222-9809.

[2-М] Мирзоев А.Р. Таъсири муҳити иҷтимоӣ ба ташаккули шахсият ва ҳисси ватандӯстии насли наврас. [Матн] / А.Р. Мирзоев // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2024. №4 (48). - С.149-155. ISSN 2617-5320.

[3-М] Мирзоев А.Р. Вижагиҳои усул ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии насли ҷавон. [Матн] / А.Р. Мирзоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2024. №4 (54) - С.159-165. ISSN 2222-9809.

[4-М] Наврузова Г.Т., Мирзоев А.Р. Тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ. [Матн] /Г.Т.Наврузова., А.Р. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. 2025. №1. - С.202-209. ISSN 2074-1847.

***Мақолаҳои дар маҷмуаи маводи конференсия ва нашрияҳои дигар батабърасида:***

[5-М] Мирзоев А.Р. Нақши қасида дар ашъори Салмони Соваҷӣ [Матн] / А.Р. Мирзоев // Маҷмӯаи мақолаҳои конфренсияи илмӣ - назариявии ДМИТ. Душанбе. 2021. - С.326-330. (дар ҳаммуаллифӣ)

[6-М] Наврузова Г.Т., Мирзоев А.Р. Некоторые факторы, способствующие формированию гражданской позиции и патриотизма у подрастающего поколения [Матн] / Г.Т. Наврузова, А.Р. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Омилҳо ва ҷанбаҳои психологии тундгароӣ дар ҷавонон». Душанбе. 29.03.2025. - С.92-97.

[7-М] Мирзоев А.Р. Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дар ташаккули ҳуввияти шаҳрвандони ҷавон. [Матн] / А.Р. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Нақши ёдгориҳои таърихӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ» Душанбе. 30.04.2025. - С.123-129.

[8-М] Наврӯзова Г.Т., Мирзоев А.Р. Масъалаи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ аз нигоҳи олимони даврони гузашта ва имрӯза. [Матн] / Г.Т. Наврузова, А.Р. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Нақши ёдгориҳои таърихӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ». Душанбе. 30.04.2025. - С.158-163.

[9-М] Мирзоев А.Р. Масъалаи тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии наврасон дар шароити муосир. [Матн] / А.Р. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Нақши ёдгориҳои таърихӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ». Душанбе. 30.04.2025. - С.180-186.

[10-М] Мирзоев А.Р. Некоторые аспекты формирования гражданской позиции подростков в условиях современности. [Матн] / А.Р. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Мушкилоти таълим ва тарбия дар педагогикаи муосир” Хуҷанд. 28.03.2025. - С.78-82.

[11-М] Мирзоев А.Р. Ҷанбаҳои асосии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар шароити муосир. [Матн] / А.Р. Мирзоев // Маҷмӯаи мақолаҳои конфренсияи илмӣ - назариявии ДМИТ. Душанбе. 2025. - С.48-52.

[12-М] Мирзоев А.Р. Ҷавонони ватандӯст ҳамчун неруи созандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол. [Матн] / А.Р. Мирзоев // Маҷмӯаи мақолаҳои конфренсияи илмӣ - назариявии ДМИТ. Душанбе. 2025 - С. 69-75.

**МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ИМЕНИ АБДУРАХМОНА ДЖОМИ АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА**

**УДК: 37.034.6:008+373**
**ББК: 74.2+74.200.5+71**
**М – 65**

***На правах рукописи***

**МИРЗОЗОДА АКРАМ РУСТАМ**

# ФОРМИРОВАНИЕ ЧУВСТВА ПАТРИОТИЗМА ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ВОСПИТАТЕЛЬНЫХ ВОЗМОЖНОСТЕЙ КУЛЬТУРНО-ПРОСВЕТИТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание учённый степени**
**кандидата педагогических наук по специальности**
**5.3.9. Теория и методика организации**
**культурно-социальной деятельности**
**(социальная педагогика)**

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертация выполнена в отделе педагогики, психологии и методики преподавания Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана.

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Наврузова Гульшан** - кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой русского языка Таджикского государственного финансово-экономического университета |
| **Официальные оппоненты:** | **Давлатзода Джамила -** доктор педагогических наук, и.в. профессора кафедры общеуниверситетской педагогики Таджикского национального университета |
| | **Саодати Рахмонали -** кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки |
| **Ведущая организация:** | **Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни** |

Защита диссертации состоится «19» июни 2026 года, в 15:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-030 при Институте развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. А.Адхамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел: 227 62 46; 55 999 31 20).

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на сайте диссертатсионного совета Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (http://www.prmatt.tj)

Автореферат «18» мая 2026 г. разослан

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета, к.п.н., доцент** **Котибова Ш.П.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность исследования.** Вопросы воспитания патриотизма традиционно находятся в зоне внимания таджикского общества и руководства страны, что получило отражение в нормативных документах (Конституции Республики Таджикистан (ст. 43), Закона Республики Таджикистан «О патриотическом воспитании граждан», Национальной концепции образования и целом ряде Программ патриотического воспитания). Однако, в условиях глобализации, развития процесса встраивания страны в мировую экономику и культуру, стремительно развивающейся информатизации вопросы сохранения национальной идентичности актуализируются, получают новое звучание, требуют еще большего внимания со стороны государственных органов, педагогического сообщества, общественно-политических движений и организаций, а также старших членов семей сегодняшних подростков. Проблема сохранения суверенитета, чувства единства нации, основанного на осознании общности культуры, языка, истории, выходит сегодня на первый план практически во всех странах, вовлеченных в процессы всемирной интеграции и унификации. О том, что руководители Республики Таджикистан осознают эту проблему и уделяют ее решению первоочередное внимание, говорит тот факт, что за последние годы правительством был принят целый ряд государственных программ («Государственная программа по воспитанию патриотизма и укреплению национальной идентичности таджикской молодежи на две тысячи двадцать третий-двадцать седьмой годы», «Национальная программа социального развития молодежи Республики Таджикистан на две тысячи двадцать второй-двадцать шестой годы» и др.), направленных на ее решение.

Необходимо отметить, что, однако, даже самые удачные программы не дадут должного эффекта без грамотной организации работы по патриотическому воспитанию подрастающего поколения на местах, преимущественно в образовательной среде учебных заведений, в том числе и во внеучебное время, а также в развивающей среде культурно-просветительских учреждений. Соответственно, перед научной и педагогической общественностью, органами управления образованием на местах встает задача разработки современных методик патриотического воспитания, формирования образовательной развивающей среды, в которой возможна реализация соответствующих педагогических условий, способствующих воспитанию и развитию у учащейся молодежи качеств, присущих истинному патриоту своей страны.

Практика показывает, что успеху педагогической деятельности, направленной на формирование ключевых компонентов патриотизма, в

первую очередь способствует наличие активной жизненной позиции у педагога, обладающего не только необходимым профессиональными компетенциями, но и сформированной гражданской позицией, личными убеждениями патриотической направленности, способного неформально подойти к организации работы по патриотическому воспитанию. Однако, по данным целого ряда исследований, далеко не во всех учебных заведениях республики процесс патриотического воспитания поставлен таким образом, чтобы решать стоящие перед учебным заведением цели формирования у учащихся патриотического чувства и потребности принимать участие в деятельности патриотической направленности: мероприятия проводятся формально, их содержание не актуализируется в соответствии с запросами современной молодежи, сами учащиеся к их организации не привлекаются, равно как и члены их семей и другие потенциальные партнеры. Зачастую причиной такого образа действий педагогического коллектива является отсутствие доступных современных методик организации подобной деятельности, недостаточная осведомленность о смысле и значимости деятельности по патриотическому воспитанию подростков, о необходимости включения мероприятий различных форматов не только в учебную программу, но и планы внеурочной деятельности с целью формирования эмоционального отношения учащихся к блоку идей и понятий, связанных с осознанной любовью к Родине и готовностью служить ее интересам.

**Степень разработанности проблемы исследования.** При написании данной работы мы опирались на труды исследователей, занимавшихся разработкой методов, применение которых позволяет осуществлять патриотическое воспитание как в рамках освоения учебных дисциплин гуманитарного блока (Е. А. Абрамова [1], В.А. Романов [29], Х.А. Ҷӯраева [15], Х. Раззоқов [25] и др.), так и в процессе педагогического взаимодействия во внеучебное время (Г.Х. Ахметшина [5], П.И. Селезнёв [32], Н. Табаров [34], А. Умаров [35], С.Ҳ. Рустамзода [30] и др.), часть из которых в качестве наиболее значимой рассматривали соответствующую деятельность классных руководителей (Д. Латипов [19], Р.Э. Каримов [17] и др.). Поскольку методика педагогического воздействия на детей разного возраста в процессе патриотического воспитания имеет свои особенности (зависит от конкретного этапа психофизиологического развития), мы сочли важным изучить публикации, посвященные методикам, эффективность которых проявляется в работе с разными возрастными группами: О.В.Грашина [13], Т.В. Сафонова [31], С.Ҳ. Рустамзода [30], Х.С. Раззоқов [26] и др. описывали методы работы с дошкольниками; И.М. Витковская [9], А.Э.Симановский [33], Е.В.Яковлева [42] – с учащимися начальной и средней школы (среднее звено); А.М.

Мирзокаримзода [23], О.Е.Чаленко [37], Р.Э. Каримов [18] и др.). – со старшеклассниками общеобразовательной школы.

Однако нам не удалось обнаружить достаточного количества основательных работ, посвященных методике воспитания патриотизма у учащихся младшего подросткового возраста, хотя сам по себе этот возрастной период в жизни ребенка исследован и описан достаточно подробно в работах Л.С. Виготский [10], И.С. Арон [3], Т.Н.Гушина [14] и др., где сделан акцент на тех изменениях психики, которые принято описывать терминами «ломки» и «кризиса», когда учебная деятельность перестает быть ведущей, на первое по значимости место выходит общение, в первую очередь со сверстниками и «значимыми» взрослыми, что влечет за собой смену парадигмы восприятия большинства общественных явлений и ценностей, запускает важнейшие процессы формирования положительного «Я-образа» (Д.Б. Элконин [40], Д.И. Фелдштейн [36]). В каком-то смысле ребенок, вступивший в младший подростковый возраст, переоткрывает для себя мир, и именно поэтому наиболее расположен к участию в различных форматах совместной коллективной деятельности, осуществляемой в развивающей среде культурно-просветительских учреждений под руководством грамотного, умелого наставника, преследующего цель формирования у школьника патриотического чувства.

Сегодня в педагогическом сообществе превалирует точка зрения, согласно которой наибольшая эффективность воспитательного процесса достигается при условии изменения позиций обучающего и обучаемого, когда (за счет выстраивания педагогического взаимодействия) они становятся равноправными партнерами и со-участниками формирования личностных характеристик молодого человека, становления его субъектности, необходимой для формулировки жизненных целей и проявления осознанной активности с целью их достижения (Л. В. Байбородова [6], М. И. Рожков [28]).

С точки зрения современной педагогической науки, без опоры на субъектность процесс формирования патриотизма как социально-нравственного качества не будет полноценным и продуктивным.

Становление индивидуальных качеств личности ребенка невозможно представить без объективации, то есть мыслительного процесса, в ходе которого субъективное ощущение от объекта преобразуется в его восприятие. В воспитательном процессе объективация предполагает наличие фигуры наставника (педагога), который в силу своего предназначения (профессии) транслирует собственные представления об объекте обучающемуся, который, переосмысляя транслируемый образ, формирует собственное представление о нем. Разумеется, субъект-субъектное взаимодействие происходит в

определенной социальной среде, что определяет особенности восприятия (реакции) воспитуемого (обладающего набором характеристик, соответствующих психофизиологическим возрастным особенностям) и выбор способов реагирования и поведения (С.Е. Шивринская [39]). Однако, как раз вопрос о том, какие педагогические условия будут благоприятствовать процессу педагогического взаимодействия в ходе патриотического воспитания младших подростков во внеучебное время в развивающей среде культурно-просветительских учреждений, на сегодняшний день нельзя назвать в достаточной степени изученным.

Погружение в тему исследования позволило нам выявить ряд **противоречий** в подходах к организации работы по патриотическому воспитанию младших подростков во внеучебной деятельности между:

– важностью обеспечения преемственности, последовательности и непрерывности процесса патриотического воспитания и необходимостью ориентироваться на соответствие форм и методов организации этого процесса психофизиологическим характеристикам младшего подросткового возраста, а при выборе педагогических технологий и создании педагогических условий принимать во внимание индивидуальные особенности каждого учащегося;

– развивающим образовательным потенциалом культурно-просветительских учреждений и недостаточной подготовленностью педагогов к использованию современных подходов, реализации инновационных методик в процессе педагогического взаимодействия, нацеленного на становление патриотического чувства у младших подростков;

– осознанием необходимости повышения эффективности процесса патриотического воспитания с целью становления патриотического чувства и формирования ключевых компонентов патриотизма и у младших подростков и несформированностью теоретически обоснованного перечня педагогических условий, способствующих успеху объективации в рамках этого процесса.

Перечисленные противоречия и сделанные на этом основании умозаключения позволили сформулировать **проблему исследования,** суть которой – отсутствие в педагогической среде четкого представления о том, какие именно педагогические условия необходимы для успешной объективации процесса патриотического воспитания младших подростков в развивающей среде культурно-просветительских учреждениях.

**Связь исследования с программами (проектами) или научными темами.** Диссертационная работа выполнена в рамках реализации плана научно-исследовательских работ отдела педагогики, психологии и методики преподавания Института развития образования имени Абдурахмона Джоми

Академии образования Таджикистана на 2020-2024 годы по теме «Пути и методы формирования чувства патриотизма и самосознания учащихся на основе духовного наследия таджикского народа» и основных требований Закона Республики Таджикистан «О патриотическом воспитании граждан», Государственной программы по патриотическому воспитанию и укреплению национальной идентичности молодежи Таджикистана на 2018-2022 годы, Государственной программы по патриотическому воспитанию и укреплению национальной идентичности молодежи Таджикистана на 2023-2027 годы.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования:** эмпирическое подтверждение состоятельности теоретически обоснованных педагогических условий, необходимых для успешной объективации процесса патриотического воспитания младших подростков в культурно-просветительских учреждениях.

**Задачи исследования:**

1. Обобщить результаты исследований сути и особенностей процесса объективации в ходе выстраивания педагогического взаимодействия, направленного на формирование ключевых компонентов патриотизма у младших подростков во внеучебное время.

